НАШРИЁТИ “АДИБ”



ҒАНӢ ҶӮРАЗОДА

# ПАНДИ БОБО

Душанбе
“Адиб”
2014

ББК 84 Тоҷик 7-4
Ҷ-96

Рассом *Олга Шемелина*

Муҳаррир *Шаҳодат Амонзода*

Ҷ-96 **Ғанӣ Ҷӯразода. Панди бобо** *(қиссаю ҳикояҳо аз ҳаёти кӯдакону наврасон)*. – Душанбе, “Адиб”, 2014, 80 саҳ.

Барои шумо, бачагону наврасони азиз, нависандаи шинохтаатон ҳоло қиссаву ҳикояҳое пешкаш медорад ва умедвор аст, ки ба шавқу завқ мехонед.

ISBN 978-99947-2-368-3

© Ғанӣ Ҷӯразода, 2014

# БОЗГАШТИ ХОТИРА

(Қисса)

## Ҷаллод меояд! Гурезед!

Ин хабари шум дар як дам дар тамоми деҳаи Гулистон барқвор паҳн шуда, мардумро ба таҳлука андохт. Кай меояд, барои чӣ меояд? – гӯён касе намепурсид. Чунки ҳама медонистанд, ки ӯ барои куштани одамони саркаш ва ғорат кардани моли онҳо меояд. Аз ин рӯ пиру ҷавон, марду зан хона ва чизу чораи худро партофта, пиёдаю савора ба поён – ба сӯи шаҳр мегурехтанд.



Ҷаллод кист? Аслан номи ӯ Аҳмад аст. Як бачаи танбали шӯх ва безорӣ буд. Аз дарсҳо базӯр баҳои се мегирифт. Барои он ки дар синфаш намонад ва агар монад, дарди сари зиёдатӣ мешуд, муаллимон баҳои се монда, ҷонашонро аз ташвиш халос мекарданд. Аммо Аҳмад як ҳунар дошт, ки он дар бачаҳои дигар набуд. Дар дастаи ҳаваскорони санъати мактаб иштирок намуда, дар намоишномаҳои афсонавӣ нақши деву аҷинаҳо, одамони айёру фиребгар ва ҷаллодони хунхорро хуб мебозид. Барои ҳамин аввалҳо ӯро Аҳмади ҷаллод мегуфтанд, баъдҳо номи аслиаш аз даҳон монд. Кас қаду қомати дароз, абрӯвони ғафси сермӯй, чашмони калони фурӯрафта ва бинии барҷастаи уқобиашро дида, деви ҳақиқӣ гумон мекард.

Баъди хатми мактаби миёна Ҷаллод бекор монд: донише надошт, ки ба мактаби олӣ дохил шуда хонад, ғайрату ҳиммате надошт, ки ба ягон ҷо рафта кор кунад. Лекин

ҳамин вақт барояш фурсати муносибе фаро расид. Ҳамин ки дар ҷумҳурӣ ҷанг сар шуд, «бахташ тофта», ҷавонони ба худаш ҳамфикру ҳамхислатро ҷамъ оварда, даста ташкил дод ва ба сафи мухолифон дохил шуд. Дар тепаҳо ва доманаи кӯҳҳои атрофи шаҳр моли мардумро зӯран кашида гирифта, ба пули он силоҳ харид ва ба амалиёт шурӯъ намуд. Вай бо силоҳдорони худ деҳаҳои Чанорзор, Яккабед ва Навободро зери тасарруф гирифта, тартиботи нав ҷорӣ кард: кӯдакон бояд ба мактаб намерафтанд, занону духтарон куртаю поҷомаи дароз пӯшида, ба сар рӯймол мебастанд, мардон ришу мӯйлаб мемонданд. Бо фармони ӯ таҳхонаҳо ба зиндон табдил ёфтанд. Ҳар касе, ки бар хилофи раъйи ӯ рафтор менамуд, зиндонӣ шуда, азобу шиканҷа медид ва ба қатл расонда мешуд. Танҳо мардуми деҳаи Гулистон саркашӣ карда, гуфтаҳои ӯро ба ҷо намеоварданд. Аз ин рӯ бо тарсу ҳарос зиндагӣ мекарданд. Баъди имзои созишномаи сулҳ дар байни мухолифин ва ҳукумати қонунии Тоҷикистон низ дастаи мусаллаҳи Аҳмади Ҷаллод ба қоидаю қонунҳо риоя накарда, амалиёти ҷангии худро давом дод.



… Вақте ки Беҳрӯз аз мактаб омад, модараш холаи Салима ва апааш Замира ба рафтан тайёр буданд. Падараш амаки Абдураҳим пагоҳӣ дару тирезаи сохтаашро ба мошин бор карда, ба модараш гуфт, ки бегоҳ аз бозор рост ба хонаи хоҳараш меравад. Имшаб ҳамаашон дар хонаи вай мехобанд.

– Зуд бош, – гуфт модараш, – сумката хона дароварда мону тез баро. Интизори ту шуда аз ҳамсояҳо қафо мондем. Онҳо як мошин шуда рафтанд.

Модару бачаҳо шитобон ба роҳ даромаданд. Мошинҳои

ҳархела наистода босуръат гузашта мерафтанд. Холаи Салима умедашро аз мошин канда, ба пайраҳаи теппа гузашт. Тахмин ним километр роҳ паймуда буданд, ки якбора садои тирҳо баланд шуд. Дере нагузашта тирпарронӣ авҷ гирифт. Тирҳо парида омада, дар пеши пои онҳо пош мехӯрданд.

– Давед, давед! – фарёд кард холаи Салима ва худаш пеш-пешу бачаҳо аз қафо ба пастӣ нигоҳ карда давиданд. Беҳрӯз, ки аз паси онҳо мерафт, ногоҳон пешпо хӯрда болои харсангҳо афтид. Аз таъсири зарба буд ё аз тарсу ҳарос сараш мисли занбӯрхона ғуввос зада, чашмонашро пардаи торикӣ пахш намуд. Бо вуҷуди ин ба харсанг бо дастонаш такя карда, зӯр зада хестанӣ шуд, ки натавонист ва калавида монанди одами маст боз ба замин афтид. Модараш бохабар шуда қафо гашта омад, то ки ӯро ба по хезонад, аммо дер шуда буд. Беҳрӯз мисли чархи мошин ба пастӣ меғелиду ба болояш сангу шағал мерехт. Модараш дод гуфта, аз паси ӯ тохт. Беҳрӯз ба поён афтиду аз ҳуш рафт. Бо чашмони нимпӯш ва ранги парида наҷунбида мехобид, гӯё нафас намекашид. Модараш бо чашмони гирёну дили бирён ба чор тараф давид, то ки бо кафи дастонаш об оварда, ба рӯи ҷигарбандаш пошида, ӯро ба ҳуш биёрад, вале аз об ному нишоне набуд. Вай рӯймолро аз сараш гирифта, рӯи бачаро бод кард, сару рӯяшро бӯсида, бо таваллою зорӣ «бачаякам, бачаҷонам, чашматро кушо, бихез» гуфт. Аз байн тахмин панҷ-даҳ дақиқа гузашта буд, ки Беҳрӯз чашмонашро кушод, ба худ омада, аз ҷой хест ва қоматашро рост карда, хасу хоки часпидаи либосашро афшонд. Аз дасту рӯяш, ки сангҳои нӯгтез харошида буданд, хун мешорид. Пешонааш чормағз барин варам карда буд.

– Бачаякам Беҳрӯзҷон, ба ту чӣ шуд? – гӯён холаи Салима бо рӯймол дасту рӯи ӯро пок кард.

– Ҳеҷ чиз нашудааст, – гуфт Беҳрӯз, – ҳамту ғалтидам, ҳеҷ гап не.

– Эҳтиёт кунӣ, намешавад, ҷони очаш? Афтатро бин, пешонаат варам кардааст, – мегуфт модар дилсӯзона.

Ҳар се ба роҳи калон баромада, ба таксӣ нишастанд ва ба хонаи аммааш, ки дар маркази шаҳр буд, равон шуданд.

Аммааш онҳоро хушнудона пешвоз гирифт, ҳолу аҳвол пурсид, вале Беҳрӯзро дида таъбаш хира гардид. Холаи Салима воқеаро нақл намуда гуфт:

– Аз ҷабру зулми Аҳмади Ҷаллод мардум ба дод омаданд. Хонасӯхта намемонад, ки осуда зиндагӣ кунем. Ба касофати вай бачаяки бечораам ба фалокат гирифтор шуд.

– Беҳрӯзҷон сахт лат хӯрдааст, – гуфт аммааш, – ба духтур бурдан лозим.

– Худаш нағз мешудагист, – гуфт холаи Салима.

– Духтур дида бояд табобат кунад. Аз дасти ману ту чӣ меояд? Биё рафтем, эҳтиёт ними ҳаёт мегӯянд.

Ҳар ду Беҳрӯзро гирифта ба беморхонаи шаҳр burданд. Духтури шӯъбаи захмбандӣ ҷароҳатҳои Беҳрӯзро аз назар гузаронда, дору молид, сару рӯй ва дастони ӯро бо дока печонда баст ва ба Салима-хола гуфт:

– Бачатон сахт захмдор шудааст. Ягон ҳафта дар беморхона хобиданаш лозим.

Холаи Салима чӣ гуфтанашро надониста ба хаёл рафту баъд:

– Роҳамон дур, додар. Ҳар рӯз омада хабар гирифтанамон душвор. Намешавад, ки дору навишта диҳию худамон дар хона нигоҳ кунем.

– Бо як дору молидан кор буд намешавад. Мо бояд ӯро аз ташхис гузаронем, тафтиш карда, санҷида бинем. Худо накарда агар майнааш зарар дида бошад, он гоҳ табобаташ душвор мешавад.

– Майлаш гӯй, розӣ шав, – гуфт аммааш. Холаи Салима бо дили нохоҳам розӣ шуд. Ҳамин вақт амаки Абдураҳим омад ва сару рӯй ва дастони докапечи писарашро дида, дилаш сиёҳ шуд.

## Замин сахту осмон баланд

Баъди он ки қувваҳои ҳукуматӣ дастаи ғоратгарони Аҳмади Ҷаллодро зада несту нобуд карданд ва дар деҳаҳои атрофи шаҳр оромию осудагӣ барқарор гардид, аҳли оилаи амаки Абдураҳим ба хона баргаштанд. Бисёр чизу чораашон

ғорат шуда бошад ҳам, зану шавҳар чандон ғаму ғусса нахӯрданд.

– Садқаи сари бачамон, – худро тасаллӣ дод амаки Абдураҳим, – тинҷию амонӣ, сиҳатию саломатӣ бошад, моли дунё ёфт мешавад. Шукри Худо, ки Беҳрӯзҷонамон зинда монд.

Ва ӯ як пагоҳи рӯйхати додаи духтурро, ки дар он аз йоду докаю спирт сар карда то чандин хел марҳаму доруҳои хӯрданӣ ва сӯзанзанӣ навишта шуда буд, гирифта ба шаҳр рафт, то ки онҳоро аз дорухонаҳо ёфта харида писарашро хабар гирад. Аз троллейбус фуромада ба дорухонаи калонтарини шаҳр, ки дар хиёбони Исмоили Сомонӣ ҷойгир буд, ворид шуд ва рӯйхати доруҳоро ба корманди он – духтараки зебои хилъати сафедпӯш дароз кард. Духтарак рӯйхатро аз назар гузаронда, нархи доруҳоро ҳисоб кард ва гуфт:

– Ҳафтоду як сомонӣ мешавад.

– Ҳафтоду як? – ҳайрон шуд амаки Абдураҳим.

– Ҳа, амак, ҳамин қадар мешавад. Азбаски доруи бисёр мегиред, ман бо нархи арзон ҳисоб кардам.

– Ман ин қадар пул надорам, духтарам. Бекор ҳастам, маош намегирам. Чархи рӯзгорро базӯр гардонда гаштаам. Ин қадар пулро аз куҷо меёбам.

Духтарак сабаби ҷароҳати бачаро пурсида маслиҳат дод:

– Амакҷон, агар шумо розӣ шавед, доруҳои аз ҳама заруриро медиҳам. Дигарашро бо сардухтур маслиҳат кунед. Баъзе духтурҳо инсоф надоранд, росту дурӯғ доруи бисёрро навишта медиҳанду хаёл намекунанд, ки мардуми бечора пулро аз куҷо ёбанд.

Амаки Абдураҳим бисту панҷ сомонӣ дода, доруҳоро гирифт ва ба духтарак изҳори миннатдорӣ намуда, ба бозор даромад. Нони гарм ва себу асал харида ҷониби беморхона равон шуд. Роҳ, ки то беморхона чандон дур набуд, хост пиёда равад. Вай роҳравон фикр мекард, ки аҷаб замонае шудааст, қадру қимати одамӣ намондааст, то пулат набошад, ягон корат пеш намеравад. Солҳои пеш ин хел набуд, инсон обрӯю эътибор дошт, одам одамро иззату ҳурмат мекард, ба сараш ягон душворӣ ояд, дигарон кӯмак мерасон-

данд, дар бораи пул гап намезананд. Ҳозир-чӣ? Ба мактаб равӣ – пул те, ба беморхона равӣ – пул те! Ё тавба! Илоҳо касал нашавӣ, ба беморхона ки афтодӣ, ғорат мекунанд. Дору биёр, либос биёр, косаю пиёла биёр, спирт биёр, арақ биёр, фақат биёр, гапи дигарро намедонанд. Духтурҳо ин қадар беинсоф шудаанд. Қасами Буқрот хӯрдагиҳо ҳамин хел мешаванд? Мегӯянд, ки давлат пул намедиҳад. Ба ин гап кӣ бовар мекунад? Кору борашон дурӯғу фиреб.

Пештар ӯ, амаки Абдураҳим, як коргари одӣ, ронандаи мошин буд, дар автобаза кор мекард, ба ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон, ба Помир бор мекашонд. Супоришҳоро доимо ба ҷо меовард. Хурду калон ӯро ҳурмат мекарданд. Илова ба маош мукофотпулӣ мегирифт. Ба рӯзгораш мерасид, тинҷу осуда зиндагӣ мекард. Аммо мардуми ношукр демократия, бозсозӣ гуфтанду ба дасисаҳо дода шуданд. Озодӣ гуфтанду шӯру мағал бардоштанд. Оқибаташ чӣ шуд – маълум: якдигарро куштанд, хонаи ҳамдигарро оташ заданд, гурезаю сарсону саргардон шуданд. Онҳое, ки ҷангро сар карда буданд, имрӯз соҳиби мансабҳои серпул, қасрҳои боҳашамат месозанд, дар мошинҳои хориҷӣ мегарданд, кайфу сафо доранд, вале мардуми бечора намедонанд, ки ҳисоби зиндагиро чӣ тавр ёбанд, барои як порча нон дар хориҷи Ватан таъқибу таҳқир мешаванд. Яктои онҳо худаш, амаки Абдураҳим. Баъди он ки автобазаро ғорат карда, мошинҳоро бурданд, фурӯхта несту нобуд карданд, вай ҳам бекор монд. Хайрият ки касби дуредгарӣ ҳам доштааст ва акнун ҳамин касб ва як порча замини пеши ҳавлиаш оилаи ӯро мехӯронад, вагарна чӣ кор мекард? Ба ҳар ҳол шукри Худо мегӯяд, ки замона тинҷ шуд, дунё ба умед гуфтаанд, зиндагӣ рӯз аз рӯз беҳтар мешудагист?

Амаки Абдураҳим доруҳоро ба духтур дода гуфт, ки боқимондаашро фардо меорад ва писарашро хабар гирифта, аз палата баромаду вориди утоқи кории сардухтур шуд. Сардухтур Санавбар Каримова, ки зани солхӯрдаи чеҳракушод ва ҳалиму меҳрубон буд, ӯро хуш қабул намуда, ба курсӣ шинонд ва арзашро шунид:

– Ин беморхонаи шахсӣ ё давлатӣ? Агар давлатӣ бошад,

барои чӣ аз бемор талаб мекунанд, ки ҳамаи доруҳо, сару либос, бистару болин, косаву табақ биёранд? – ба шӯр омад амаки Абдураҳим ва рӯйхати доруҳоро ба ӯ дароз кард.

Санавбар Каримова рӯйхатро гирифта:

– Оташин нашавед, додари азиз, ҳамаашро ҳал мекунем, – гуфт оромона.

– Як қисми доруҳоро овардам. Боқимондаашро пагоҳ мебиёрам гуфтам. Дигар пул надорам, чӣ кор кунам? – илова намуд амаки Абдураҳим.

Сардухтур рӯйхатро аз назар гузаронда:

– Ҳоли ҳозир ҳамин доруҳои овардаатон кифоя. Зарур шавад, баъд гап мезанем. Ман ба духтури муоличакунанда албатта гап мезанам. Даъвои шумо асос дорад, лекин давлат, ки камбағал аст, барои эҳтиёҷоти беморхона маблағи пурра ҷудо карда наметавонад. Барои ҳамин духтурҳо маҷбуранд, ки …

– Хоҳари азиз, шуд, фаҳмидам, – гуфт сухани ӯро бурида амаки Абдураҳим, – ман назди шумо омадам, ки кӯмак мерасонед. Маълум мешавад, ки фоида надорад.

Амаки Абдураҳим дигар ба гапи сардухтур гӯш накарда, аз ҷой хесту дарро сахт пӯшида баромада рафт. То истгоҳи автобус рафту ба харак нишаста дам гирифт. Баъди андаке вақт оташи ғазабаш паст фуромада асабаш ором гардид ва аз муносибати дағалонааш бо сардухтур пушаймон шуд: гуноҳи духтурҳо чӣ? Модоме ки аҳвол чунин аст, аз дасти онҳо чӣ меояд? Ва худ андешид, ки дар ин замонаи душвору пурмашаққат ба умеди касе шудан бемаънист, чархи зиндагии худро худи кас гардонад, ба доди худ худаш бояд расад, илоҷи дигаре нест. Замин сахту осмон баланд.

## Дидорбинӣ

Аз он рӯзе, ки Беҳрӯз ба беморхона афтид, қариб ҳар рӯз ёру ҷӯраҳо ва ҳамсинфонаш барои аёдати вай меомаданд. Ӯро аксари хурду калони деҳа мешинохтанд, дар байни ҳамсолони худ обрӯю эътибор ва иззату ҳурмат дошт.

Беҳрӯз талабаи аълохону фаъоли мактаб, бачаи чусту чолок, меҳнатдӯст, хушрафтор ва ёрирасони пирону дардмандон буд.

Ҳабибаю Кабир, ки ҳамсоя ва ҳамсинфони Беҳрӯз буданд, бори дигар барои аёдати вай рафтанӣ шуданд. Саҳарии барвақт аз хоб хеста тайёрӣ диданд. Кабир аз боғашон қулфинай чид. Модараш дуто нони гарми танӯрӣ дод. Ҳабиба мехост оши палав пухта барад, вале модараш розӣ нашуд:

– Оши палавро то мебарию бемор мехӯрад, ки хунук мешавад. Хӯроки гарма очаш пухта мебарад. Беҳтараш чизи дигар бар.

Ҳабиба розӣ шуда, тухму бодиринг ва самбӯсаи алафин гирифт. Ва ҳар ду ба автобус савор шуда, ба шаҳр рафтанд ва соат даҳ нашуда ба беморхона расиданд. Ба ошёнаи дуюм баромада, ба палатаи чорум даромаданӣ буданд, ки ҳамшираи тиббӣ намонд:

– Мумкин не, вақти беморбинии духтурҳо. Тоқат карда шинед, интизор шавед.

Аммо онҳо тоқати интизорӣ надоштанд, махсусан Хабиба. Вай ҳамеша беқарор, мехоҳад, ки ҳама кор ба тезӣ иҷро гардад, аммо ин тавр намешуд. Ҳар ду дар дивани кӯҳнаи роҳрав даро-барои духтурону беморонро тамошо карда хеле нишастанд. Ба назарашон вақт хеле суст мегузашт. Ниҳоят Ҳабиба зиқ шуда, аз ҷой хест ва бо тамошои суратҳое, ки дар девор овехта шуда буд, машғул гардид. Дар як сурат скелети одам, узвҳои бадани ӯ, дар сурати дигар косахонаи сар, майнаи одам ва боз чизҳои дигари барояш нофаҳмо акс ёфта буданд. Аз косахонаи сар чашм наканда дилашро ваҳм пахш намуд ва аз хаёл гузаронд, ки наход каллаи беморро ҳамин хел пӯст канда, табобат намоянд ва чоки гиребонашро кушода, ба сари дилаш туф-туф карда, «Худо нигоҳ дорад-е» гуфт.

Ҳамшираи тиббӣ дарро кушода, иҷозати даромадан дод. Ҳабибаю Кабир ва чанд одами дигар вориди палата шуданд. Беҳрӯз, ки болои кати симин хобида буд, баробари дидани ҳамсинфҳояш аз ҷой хеста, онҳоро ба курсӣ шинонд.

Ҷароҳатҳои дасту рӯяш қариб шифо ёфта, варами пешонааш гаштааст. Докаҳоро кушода буданд. Аммо ранги рӯяш заҳир метофт. Табъаш хира, қавоқаш овезон. Чеҳраи ӯро дида:

– Беҳрӯз, чаро хафа менамоӣ? – пурсид Ҳабиба. – Зиқшавӣ ба ту намезебад. Ту бачаи майда нестӣ-ку. Ҳар хел гумонҳои бадро аз сарат дур кун.

Ҳамин тавр булбулаки Ҳабиба ба хондан даромад ва ба Кабир навбат надода беист гап мезад, мисли калонсолҳо ба бемор панду насиҳату маслиҳат медод, ҳар гуна воқеаҳои аҷоибу ғароибро нақл мекард. Оҳиста-оҳиста авзои Беҳрӯз кушода шуда, ба лабонаш табассуму ханда омад ва сӯҳбаташ бо Ҳабиба тасфида рафт.

Ҳамин вақт роҳбари синф Мамлакат Неъматовна омад. Беҳрӯз кӯлвори пур аз нону кулча ва ҳар хел меваро дида хиҷолат кашид:

– Ҳамин чизҳо лозим набуд. Ҳамаи ина кӣ мехӯрад, убол мешавад.

– Ҳеҷ гап не, Беҳрӯзҷон, – гуфт роҳбари синф, – зиёдати-ашро ба беморони дигар медиҳӣ.

– Аз рӯи қоида ба аёдати бемор бо дасти холӣ намеоянд, – ӯро аз хиҷолат баровардани шуда гуфт Ҳабибаи доnояк.

– Духтур баъди як ҳафта ба хона ҷавоб медодааст, – гуфт Беҳрӯз, – лекин аз имтиҳонҳо мондам, акнун чӣ мешавад? – хавотир шуд вай.

– Дар ин бора асло фикр накун, хотират ҷамъ бошад, – гуфт роҳбари синф, – аз рӯи ҷамъбасти чорякҳо баҳо монда ба синфи ҳашт гузарондем. Ҳамааш панҷ, хавотир нашав.

– Барои он ки зиқ нашавӣ, китоб хон, – маслиҳат дод Кабир.

– Китоби дафъаи гузашта овардаи мана хондӣ? – пурсид Ҳабиба.

– Китоб? Кадом китоба?

– Дирӯз оварда будам-ку. Ана дар он ҷо хобидааст, – ба сӯи ҷевонча ишора кард вай.

– Ҳм… ҳум.., – нимғурма ҷавоб дод Беҳрӯз.

Ҳамсинфон ва роҳбари онҳо бо Беҳрӯз хайру хуш карда рафтанд. Аммо фикру хаёли Ҳабиба ба як чиз банд буд: ба-

рои чӣ Беҳрӯз ба пурсишҳои вай ҷавоби аниқу равшан на-дод. Китобро худаш ба дасти Беҳрӯз супорида буд, наход фаромӯш карда бошад? Вай ин хел одат надошт-ку!

## Ба Беҳрӯз чӣ шудааст?

Ба Беҳрӯз баъди се ҳафтаи табобат ҷавоб доданд. Духту-рон ба амаки Абдураҳим гуфтанд, ки писараш сахт захмдор шуда будааст ва барои он ки мабодо асабҳояш осеб дида бошанд, пеш аз хона бурдан ӯро ба духтурони бемориҳои рӯҳу асаб нишон диҳад. Вай ба шӯъбаи бемориҳои асаб рафта, духтурро ёфта, воқеаро батафсил нақл намуд.

– Беморро ба палата хобонда, ташхису таҳқиқ кардан ло-зим. Бе ин касалӣ муайян ва табобат карда намешавад, – гуфт духтур.

Амаки Абдураҳим розӣ шудан ё нашуданашро надониста хаёл карда монд.

– Агар аҳволи бача ҳозир хуб бошад, метавонед баъдтар муроҷиат кунед. Мо ҳар вақт қабул карда, ба палата мехо-бонем, – илова кард духтур.

– Ба фикри ман ҳам ҳамин хел шавад, беҳтар будагист, – розӣ шуд амаки Абдураҳим, – чунки бача дар беморхона бисёр хобида зиқ шудагӣ.

Падару писар ба хона баргаштанд. Ҳамсояҳо паи ҳам ба-рои дидани Беҳрӯз омаданд. Дастархонҳои пур аз нозу неъмат ороста, ба косаю табақҳо шӯрбою палав кашиданд. Холаи Салима ва Замира меҳмононро хурсандона қабул карда мегуселониданд. Ҳавлии васеи амаки Абдураҳим мисли тӯйхона шуда буд.

Рӯзи дигар як гурӯҳ ҳамсинфони Беҳрӯз барои дидорбинӣ омаданд. Баъди ҳолу аҳволпурсӣ дар ҳар мавзӯъ сӯҳбат авҷ гирифт. Беҳрӯз ба пурсишҳои ҷӯраҳояш кӯтоҳ-кӯтоҳ ҷавоб дода, лабонаш моили табассум аксар вақт хомӯш менишаст ва ба фикру хаёлҳои тӯлонӣ дода мешуд.

Ҳабиба рӯзи аввали ба беморхона рафтанашро ба хотир оварда, дар ҳайрат мемонд, ки чаро Беҳрӯзи хушгуфтори

чақ-чақӣ ин қадар камгапу хаппак шудааст. Вай ба Ҳабиба дар бораи чӣ тавр аз тирпаронихо тарсида аз ҳуш рафтан, пешпо хӯрда афтидан ва хуншор шудани дасту пойҳо ва сару рӯяшро чунон бо эҳсосот ва батафсил нақл карда буд, ки зуд гузаштани вақтро нафаҳмида монд.

* * *

Ба Беҳрӯз ҳолатҳои аҷоибе рӯй медод. Гоҳ ҳушёру зирак ва чусту чолок мешуд, гоҳ сусту гаранг ва карахту хапак. Гапи гуфтааш, кори кардаашро гоҳ медонист, гоҳ намедонист ва зуд фаромӯш мекард. Дирӯз бо аммааш чун одами бегона муомила кард, гӯё, ки ӯро бори аввал дида бошад.

– Ин кас кӣ? – ба аммааш ишора карда пурсид модараш.

– Намедонам, – ҷавоб дод Беҳрӯз.

– Чӣ хел намедонӣ? Ин кас аммаат Ҳалима.

– Намешиносам.

Боре директори мактаб Сиддиқов, ки роҳгузар будааст, ба хонаи онҳо даромада, Беҳрӯзро хабар гирифт. Вай бо директор ҳам бепарвоёна муносибат намуд. Модараш холаи Салима аз чунин рафтори писараш дилаш сиёҳ шуда, ғаму ғусса мехӯрд.

– Хола, зиқ нашавед, ғам нахӯред, – модарро тасаллӣ дод директор, – одами нав аз бистари беморӣ хестагӣ ҳамин хел. Лекин оҳиста-оҳиста мисли пештара шуда меравад.

– Аз забонатон гардам, додар, илоҳо гуфти шумо шавад, – андаке рӯҳ гирифта гуфт холаи Салима. – Афташа бинед, дуппа-дуруст, сип-сиҳат, ягон ҷояш дард намекунад, иштиҳояш хуб, шаб нағз хоб меравад. Лекин ҳардамхаёлу хотирпарешон.

Сиддиқов, ки афсари ҳарбӣ буд ва дар ҷанги Афғонистон иштирок дошт, нақл намуд:

– Ман дар бисёр муҳорибаҳои шадид иштирок намуда, аз майдони ҷанг сиҳат-саломат баромадам. Аммо дар яке аз ин муҳорибаҳо, ки дар як деҳаи дурдасти кӯҳистон рӯй дода буд, сахт захмин шудам. Ҳангоми ҳуҷум зери борони тирҳои тӯпу автоматҳо мондам, ба паҳлӯям чанд гулӯла афтида таркид.

Дигар чизеро намедонам. Як маҳал худро дар госпитал дидам. Сару рӯй, дасту пойҳоям докапеч. Тамоми ҷуссаам сӯхта, дард мекунад, аз ҷой ҷунбида наметавонам.

Аз нақли духтурон фаҳмидам, ки се шабу се рӯз беҳуш хобидаам. Сарам ва дасту пойҳоямро ҷарроҳӣ карда, пораҳои гулӯларо гирифтаанд. Аз гурӯҳи мо се нафар захмдор ва як нафар ҳалок шудаанд. Лекин супориш иҷро гардидааст. Душман несту нобуд ва деҳа озод карда шудааст.

Ана ҳамин тавр ман захми сахт бардошта, се моҳ дар госпитал хобидам. Баъд маро ба беморхонаҳои шаҳрҳои Тошканду Душанбе фиристоданд. Дар ин ҷо ҳам қариб се моҳ муолиҷа карданд. Пурра шифо ёфта хона омадам. Лекин тамоми баданам дард мекард, забонам мегирифт, бурро гап зада наметавонистам, сарам ғуввос мезад. Шукри Худо, ки оҳиста-оҳиста нағз шудам, ба асли пештараам баргаштам.

Директор нақлашро ба охир расонда гуфт:

– Ана, хола, чӣ хеле, ки мебинед, ҳозир ман сиҳат, асп барин, дардеро ҳис намекунам. Барои ҳамин сабру тоқат кардан лозим.

Холаи Салима ба директор изҳори миннатдорӣ намуд.

## Мӯйсафеди харсавор ва фолбин

Вақте ки Беҳрӯз кӯча баромада рафт, модару духтар боз аз хусуси саломатии ӯ гап заданд.

– Медонӣ, оча, – гуфт Замира, – Беҳрӯз сахт тарсида будааст, лекин ҳамон рӯз аз мо пинҳон кард. Намедонам барои чӣ рости гапро нагуфт.

– Аз афташ, нахост, ки ман хавотир шавам. Ё сабабаш чизи дигар бошад? – пурсид модар.

– Фол нишон диҳем-чӣ? – гуфт Замира.

– Ман ҳам ҳозир ҳаминро фикр мекардам, – маъқул кард модар.

Амаки Абдураҳим аз бозор омада, ба маслиҳати модару

духтар ҳамроҳ шуд:

– Аслан Беҳрӯзро ба беморхона хобондан лозим, ки мутахассисони бемориҳои рӯҳу асаб тафтиш карда бинанд. Ин пулу доруи бисёрро талаб мекунад. Барои ҳамин то пул ҷамъ кардан ман ин корро ба таъхир андохта гаштаам. Лекин ба фолбинӣ бовар надорам, ки фоида кунад.

– Ихлосу халос мегӯянд, мардак, – гуфт холаи Салима, – ихлос кунем, шояд фоида кунад. Таваккал ба Худо.

– Ихтиёрат, – розӣ шуд амаки Абдураҳим.

– Дар деҳаи Чашмасор як фолбини зӯр будааст, – илова намуд холаи Салима, – пагоҳ вақт ёбем, ҳамроҳи Замира меравем.

Рӯзи дигар баъди наҳорӣ модару духтар роҳи деҳаи Чашмасорро пеш гирифтанд. Ҳаво аз пагоҳӣ метасфид. Баъди борони майдаи шабона осмон аз абрҳои тира тоза шуда, софу беғубор гардида буд ва офтоби дурахшон нурҳои худро ба гирду атроф пеш медод. Модару духтар тахмин як километр роҳро паймуда, ба дасти чап тоб хӯрданд ва ба пайраҳаи хурди серхоку чанги деҳа гузаштанд.

– Оча, хонаи фолбинро медонӣ ё не? – пурсид Замира.

– Не, намедонам. Хайр, аз ягон кас мепурсем.

Садои «хӣ, ҷонвар, хӣ, хӣ»-ро шунида ҳар ду ба қафо нигаристанд ва мӯйсафеди салладори харсаворро диданд, ки бо химчаи тар ба шикаму гардани хар зада, ба тезтар роҳ гаштан маҷбур месохт. Аммо хар аз афташ монда шуда буд ё танбалӣ мекард, ки аз зарбаҳои химча парвое накарда якта-якта қадам мепартофт. Мӯйсафед аз назди модару духтар гузашта истода, онҳоро нашиносад ҳам салом дод ва аз ин деҳа набудани онҳоро пай бурда, ба маънии «Хонаи кӣ меравед?» дуру дароз чашм дӯхт.

– Бобо, хонаи фолбин ҳоло дур бошад? – пурсид холаи Салима.

Мӯйсафед аз хар фуромада, аз нӯхтаи он этак карда гуфт:

– Хонаи фолбин меравед? Камтари дигар монд. Хонаааш дар охири деҳа. Дар як ҳавлии калони боҳашамат зиндагӣ мекунад.

– Номаш Зебо ё Зебӣ будааст, – гуфт Замира.

– Зебӣ не, Зебо, ба худаш мувофиқ, – гуфт мӯйсафед, – ман бо ӯ аз наздик шинос нестам, як-ду бор дар тӯйҳо дида будам. Ягон тӯй бе вай намегузашт. Артист буд, тӯйгардӣ мекард.

– Артист? – тааҷҷуб кард холаи Салима.

– Ҳа, артист буд, суруд мехонд, рақс мекард. Ҷавон буд, зебою дилрабо буд, чунон бо ишваю нозу нуз мехонду мерақсид, ки ҳамаро обу адо мекард, ҳама ошиқи девона мешуд, хусусан агар дар тӯй қултимисин бисёр бошад. Худаш ҳам аз ҳамон сабилмонда кам-кам менӯшид.

– Қултимисинаш чӣ, бобо? – пурсид Замира. Мӯйсафед ба духтарак нигариста зери лаб табассум намуд.

– Дар ҷойҳои мо шаробро дору мегӯянд. Барои ҳамин мардум шӯхӣ карда, ба он номи қултимисин додаанд.

– Пештар ҳам фолбинӣ мекард? – пурсид холаи Салима.

– Ба фикрам не. Ҳаминашро медонам, ки тӯйгардӣ мекард. Меҳмонони тӯйхона маст шуда, аз сараш пул мерехтанд. Хусусан ҷавонони сархуш ба нозу ишваҳои духтари зебо ошиқи шайдо шуда, охирин сӯмҳояшонро ҳам мечаспонданд. Рафта-рафта артисти мо аз даҳон монд. Чунки бо мурури замон пир шуда, аз ҳусну ҷамолаш нишон намонд. Дигар даста-даста пулҳои бедардимиён намеомаданд. Яке шунидем, ки артисти мо фолбин шудааст.

– Бобо, артист института хондагӣ ё не? – савол дод Замира.

– Институт куҷо, синфи даҳа нахондааст. Зиндагӣ худаш мактаб аст. Замона ба ту соз набошад, ту ба замона соз шав, гуфтаанд машоиххо. Шаввоз бошӣ, артист ҳам мешавию фолбин ҳам.

Мӯйсафед ба холаи Салима рӯ оварда, риштаи суханро ба тарафи дигар кашид:

– Духтарам, киро фол нишон медиҳӣ?

Холаи Салима воқеаро нақл кард.

– Модоме ки ихлос баста, баумеду орзу омадӣ, илоҳо ниятат ҷомаи амал пӯшад ва бачаат шифо ёбад, – мӯйсафед дуо кард ва ба хар савор шуда истода гуфт:

– Бо ҳамин роҳ то охираш рост рафтан гир. Ҳамин ки роҳ

тамом шуд, ба дасти рост нигар, як ҳавлии калона мебинӣ, ана ҳамон хонаи фолбин.

Нақли мӯйсафеди харсавор ба холаи Салима таассуроти аҷибе бахшид. Гоҳ бовар мекард, гоҳ не. Артист будааст, тӯйгард будааст, пир шуда ногаҳон фолбин шудааст. Хайр, чӣ бадӣ дорад! Ҳунар доштааст, ки тӯйҳоро ободу мардумро хурсанд кардааст. Ин кор аз дасти ҳар кас намеояд-ку. Шароб менӯшидааст! Чӣ, дар ин замона кадом зани артист наменӯшад? Дар пирӣ фолбин шудааст! Ин хости Худост, ин илми мураккаб аст, онро парвардигор ато кардан хоҳад, намепурсад, ки ту кистӣ, артистӣ ё муаллим, пирӣ ё ҷавон!

Бо ҳамин хаёлҳои сарбаста холаи Салима чӣ тавр ба ҳавлии фолбин расидани худро нафаҳмида монд. Дар назди дарвозаи дутабақаи оҳанини сиёҳ саги зарди гӯшу думбуридаи калоне хобида буд. Вақте ки модару духтар ба дарвоза наздик омоданӣ шуданд, саг аз ҷояш ҷаста хеста аккос зада онҳоро намонд. Ҳар ду аз саг тарсида қафо гаштанд. Замира овоз бароварда соҳиби ҳавлиро чеғ заданӣ буд, ки дари тахтагини паҳлӯи дарвоза кушода шуду духтараки дувоздаҳсенздаҳсола намудор гардид:

– Ба шумо кӣ даркор?

– Фолбин, – гуфт холаи Салима. Духтарак ҳарфе назада боз дарун даромад ва дере нагузашта баргашта омад. Вай номи сагро гирифта:

– Доно, хап кун, ҷим шин! – гуфт ва модару духтарро ба ҳавлӣ даровард.

Ҳарду аз паси духтарак ба хонаи дарун даромаданд.

Холаи Салима даруни хона ва ҷиҳози онро дида ҳангаш парид. Аз даҳлез то пешгаҳ фаршу деворҳо аз қолину қолинчаҳои пурнақшу нигор пур буданд. Дар таҳмонҳо кӯрпаю болиштҳои махмалин. Шкафу ҷевону диванҳо ва курсиҳо ҳисоб надошт. Ҳама молҳои қиматбаҳои хориҷӣ. Фолбин-занаки шаст-шасту панҷсолаи гандумгун, ки ба чашму абрӯвон ва рӯю лабонаш рангҳои ҳархела молида оро дода буд, аз паси мизи чоркунҷа ба пешвози меҳмонҳо хеста, пазироӣ намуд. Холаи Салима баъди ҳолпурсӣ ба сари мақсад омад:

– Ба сари оилаи мо як нохушӣ омадааст. Писарам аз теппа афтида, маҷрӯҳ шуд. Чанд вақт дар беморхона хобид. Духтурон табобат карданд. Шукр, ҳозир саломатиаш бад не. Лекин ба назар ким-чӣ хел метобад, бисёр хаёл мекунад, хотираш парешон.

Фолбин чандсолаю чикора будани Беҳрӯзро пурсида, аз девон як даста қартаро гирифта, болои миз партофт, онҳоро тагурӯ кард ва ба даруни халтача андохта, чаппаю роста намуд. Баъд ба занак гуфт, ки як дона қартаро аз даруни халтача гирифта, ба ӯ диҳад. Фолбин қартаро аз дасти холаи Салима гирифта, зери лаб пичирросзанон дуо хонд, куфу суф кард ва аз он чашм наканда гуфт:

– Ин кори аҷина. Ана вай кампири даҷҷол шуда, ба назарам намуд. Аз афту андомаш кас метарсад. Чашмонаш мисли лахчаи оташ месӯзад. Афтат дар гӯр, дафъ шав-э! Дигар одам наёфтӣ, ки ба ҳамин бачаи бечораи бегуноҳ чашм андохтӣ, ақлу ҳушашро рабудӣ. Илоҳо хонаат сӯзад, ба тухмат қирон ояд! Туф-туф-туф!

Фолбин қартаҳоро як сӯ гузошта, ба холаи Салима рӯ овард:

– Ин кампири шайтон шабҳо ба хоби бача даромада метарсонад, аз пасаш сур мекунад, дасту пояшро баста, ба оташи дӯзах партофтанӣ мешавад. Лекин ҷазои ӯро ман додам. Дуо хонда тӯмори сиёҳ дӯхта мемонам, пагоҳ омада гиреду ба гиребони куртаи бача дӯхта монед. Як-ду рӯз нагузашта мебинед, ки бемор сип-сиҳат шудааст.

Холаи Салима ба суханони фолбин гӯш медоду гоҳ бовар мекард, гоҳ не ва аз дил мегузаронд, ки вай ин гапҳои афсонамонандро аз куҷо ёфта бошад. Холаи Салима даструймолашро кушода, се сомонӣ бароварда пеши фолбин монд ва ваъдаи пагоҳ омаданро дода аз ҷой хест.

– Меҳмони азиз, ин кам, – гуфт фолбин ба пул ишора карда, – камаш даҳ сомонӣ мешавад.

– Дигар пул надорам, хоҳар. Боқимондаашро пагоҳ мебиёрам, – узр пеш овард холаи Салима.

Холаи Салима рӯзи дигар омада тӯмори сиёҳро гирифта бурд ва ҳамаи гуфтаҳои фолбинро иҷро намуд, вале дар

Беҳрӯз ягон беҳбудие ба амал наомад.

## Пулро кӣ гирифт?

Ин пагоҳ Беҳрӯз аз хоб гӯё бо дасти чап хеста буд. Чеҳрааш тира, лабу лунҷаш овезон, хотираш парешон, рафтору гуфтораш дағал. Қароре надошт, хомӯшона гоҳ хона медаромаду гоҳ берун мебаромад, аз таги кат, рӯи ҳавлӣ ва роҳгард чашм наканда, чизеро кофтуков мекард. Модару апааш ба ӯ эътиборе надода, ба танӯр алав гиронда, дар тараддуди нонпазӣ буданд. Ниҳоят косаи сабраш лабрез шуд магар, ки ба ҷониби модараш овозашро баланд кард:

– Оча, пулам нест, гум шудааст. Кӣ гирифта бошад?

– Наход? Куҷо монда будӣ? – гӯён холаи Салима назди писараш омад.

– Дар таги болишт буд, – ҷавоб дод ӯ.

– Ҷойгаҳро ман ғундоштам, – гуфт Замира, – дар таги болишт пул набуд.

Холаи Салима ба суханони духтараш бовар накарда, хона даромад ва кӯрпаю болиштҳоро аз таҳмон гирифта, чаппаю роста кард. Аммо аз пул ному нишоне наёфт.

– Дурусттар фикр кун, ба хотир биёр, ки пулатро куҷо монда будӣ, – гуфт Замира.

– Гуфтам-ку, дар таги болишт буд, – очаю апаашро бовар кунонданӣ мешуд Беҳрӯз.

– Кӯрпаю болиштро ман ғундошта хона даровардам, агар мешуд, медидам.

– Чанд пул буд? – пурсид модараш.

– Панҷ сомонӣ, отам дода буд.

– Хайр, гум шуда бошад, садқаи сар, писарам, зиқ нашав, – бачаашро ором карданӣ шуд модар, – пагоҳ-фардо гелосу олуча чида ба бозор мебарам, аз пулаш ба ту медиҳам. Асло ғам нахӯр, бачам, дилатро васеъ кун.

Холаи Салима аз дилсӯзӣ ҳамин хел гуфт, аммо худаш қонеъ нашуд. Аҷабо! Пули қоғазӣ сӯзан нест, ки ба замин афтаду чашм набинад. Пой надорад, ки ба ҷои дигар равад, қанот надорад, ки парида ба осмон бароёд. Духтараш одати

пинҳонкунӣ надорад. Тавба! Мумкин пулашро ба ҷои дигар монда бошад?

Ҳама корро монда, ба кофтукови пул даромаданд. Рӯи ҳавлӣ, даруни ҷуйбор, таги палос, болои токчаю ҷевон, пеши оташдону танӯр – хулоса ҷое намонд, ки надида бошанд. Вале бенатиҷа.

Ниҳоят умедашонро канда ҳама аз паи кори худ шуданд. Беҳрӯз ҳам андаке ором шуду ба кӯча баромад. Замира зувола мегирифту модараш ба танӯр нон мечаспонд.

– Оча, медонӣ-чӣ? – гуфт Замира, – Беҳрӯз ҷои пули мондаашро фаромӯш кардагӣ.

– Ба хаёли ман ҳам ҳамин тавр, – гуфт модараш. Ба ногоҳ Замира дастони хамиролудашро саросема пок карда, давида хона даромад. Аз даруни ҷевон китобҳоро гирифта, варақ зад. Ба ёдаш омад, ки Беҳрӯз дина як китоби ғафси муқовааш зардро гирифта мехонд. Китоби қиссаю афсонаҳо, ҳа, китоби «Ҳазору як шаб» буд. Варақ зад, варақ заду аз байни он ногоҳ пулро дид ва аз шодӣ қариб буд, ки бо овози баланд фарёд кунад.

– Оча, ёфтам, ёфтам! – давида назди модараш омад Замира. – Дилам гувоҳӣ медод, ки Беҳрӯз ҷои пулмониро фаромӯш кардагӣ. Гумонам рост баромад.

– Хайрият-э, – хушҳол шуд модараш. – метарсидам, ки агар пул ёфт нашавад, мабодо бачаякам аз зиқӣ касал шавад.

Замира додарашро, ки бо бачаҳои ҳамсоя бозӣ мекард, аз кӯча ҷеғ зада, пулро ба дасташ дод:

– Аз байни вараҷи китоб ёфтам. Дигар ҷои пулмониро фаромӯш накун.

Чеҳраи Беҳрӯз гулгун гардида, ба лабонаш табассум дамид.

## Китоби шифо

Амаки Абдураҳим ба бозор рафта истода ба Беҳрӯз супориш дод. Аз ин албатта Беҳрӯз хурсанд шуд. Чунки аз бекорӣ рӯзҳои охир зиқ мемонд. Кӯча мебаромад, бо

ҷӯраҳояш бозӣ мекард, баъд хона омада намедонист, ки вақташро чӣ тавр гузаронад. Хост гӯсфандашонро ба марғзори деҳа бурда чаронад, вале падараш розӣ нашуд ва чорворо ба подабони деҳа супорида, ба Беҳрӯз гуфт, ки беҳтараш ба корҳои хона машғул шаваду ба модараш ёрӣ расонад.

– Писарам, Беҳрӯзҷон, – гуфт падараш, – замбарғалтакро соз кун, тахтаи бордонаш шикастагӣ. Хиштҳоро кашонда, ба паҳлӯи молхона ҷамъ карда мон. Шавад як анборхонаи нав месозем.

Беҳрӯз падарашро гуселонда сахт ба кор часпид. Тахтаю арра, меху болғачаро ёфта омада, ба кор сар карданӣ буд, ки Ҳабибаю Кабир омаданд. Кабир ба Беҳрӯз ёрӣ расониданӣ шуд. Ҳабиба Замирaро ҷеғ зада, дуртар бурда гуфт:

– Дина ман барои хабаргирӣ ба шаҳр хонаи амакам рафтам. Агар дар хотират бошад, амакам табиб буданд ва порсол аз дунё гузаштанд. Он кас як дорухона доштанд, ки дар он ҷо аз ҳар хел алафу гиёҳҳои шифобахш дору тайёр мекарданд. Ману бачаи амакам Адҳамҷон дорухонаро тамошо карда, дар ҳайрат мондем. Худи осорхона барин. Болои мизу даруни токчаҳо пури алафу гиёҳҳо, буттаю меваҳои ёбоӣ буд. Дар як гӯша китобҳои бисёре мехобиданд. Ман дар бораи фаромӯшхотирии Беҳрӯз ба Адҳамҷон нақл кардам. Вай як китоби ғафси муқовааш қаҳварангро ба ман нишон дода гуфт, ки дар ҳамин китоб ҳамаи давои бемориҳо, тарзи тайёру истеъмол намудани доруҳо навишта шудагӣ. Номи китоб «Канзи шифо», онро олим ва табиби машҳури халқӣ навишта будааст.

– Ҳамин китобро ба ман намедиҳӣ? – пурсидам ман.

– Инро ту чӣ кор мекунӣ? Табиб нестӣ-ку, – гуфт Адҳамҷон.

– Ба модари Беҳрӯз мебарам. Аз рӯи он дору тайёр карда, ба Беҳрӯз медиҳад, шояд вай аз бемории фаромӯшхотирӣ шифо ёбад.

– Дода наметавонам, – гуфт бо қатъият Адҳамҷон.

– Амакам-ку аз он дунё дигар баргашта намеоянд. Ту та-

биб набошӣ, китобро чӣ кор мекунӣ?

– Аз Вазорати тандурустӣ омада, ҳамаи чизу чораи доруxонаи падарамро ба дафтар навишта рафтанд ва гуфтанд, ки ягон чизи онро касе нагирад. Оянда ин ҷо осорхона мешудааст.

– Китобро тамоман намебарам, – гуфтам ман, – боз бар мегардонам.

– Илтимос, хафа нашав, наметавонам, мумкин нест. Агар ин китоб бисёр зарур бошад, аз мағозаи китобҳо ё бозорҳои шаҳр ёфтан мумкин, – гуфт Адҳамҷон.

Замира нақли дугонааш Ҳабибаро шунида:

– Дар бораи ин китоб ман ҳам шунида будам, – гуфт. – Давои ҳазору як дард будааст.

Ҳар ду хаёл карда монданд.

* * *

Тақ-тақи дарро шунида, Замира берун баромад ва Ҳабибаро дид:

– Ҳа, даро, чаро истодаӣ?

– Не, – гуфт Ҳабиба, – ба худат як гап дорам. Ба сарам як фикр омад. Китобхонаи деҳа китоби бисёр дошт. Дар он ҷо шояд ҳамон китоби шифо бошад. Агар хоҳӣ, ба китобхона меравем.

– Майлаш, – розӣ шуд Замира, – аз очам пурсам, баъд меравем.

Ҳабибаю Замира ба сӯи китобхона раҳсипор шуданд. Роҳ чандон дур набуд. Баъди каме қадам задан онҳо ба кӯчаи калони маркази деҳа расиданд, ки қад-қади он биноҳои пасти девораш сафеди чойхонаю мағоза, беморхона, идораи ҷамоа ва китобхона саф кашида буданд. Ба чойхонаю мағоза як кас – ду кас баро-даро доштанд. Дар назди мағоза як гурӯҳ бачаҳо футболбозӣ мекарданд. Дари китобхона қулф буд. Ҳамин вақт зани миёнсоле, ки дар даст сатилу ҷорӯби дароз дошт, пайдо шуда омад.

– Хола, китобхона кай кушода мешавад? – пурсид Замира.

Занак ба духтарҳо бо ҳайрат нигариста, зуд ҷавоб надод ва сатилу ҷорӯбро ба айвончаи идораи ҷамоа гузошта сипас

гуфт:

– Китобхона кай кушода буд, ки акнун кушода бошад.

Вай дигар чизе нагуфта, ба рӯбучин машғул шуд.

– Пештар ҳар рӯз кор мекард, дараш ҳамеша кушода буд, – гуфт Ҳабиба.

– Пештар ҳама кор мекарданд, ҳозир не. Китобдор аз баҳри кораш баромада рафт. Ба панҷ сомонӣ кӣ кор мекунад? Ғайр аз ин ҳозир ҳеҷ кас китоб намехонад, ҳама дар бозор, аз паи зиндагӣ. Ман, ки илоҷи дигар надорам, барои ду сомонӣ шуда, бо ҷорӯбу сатил кор мекунам. Ҳамин як пули сиёҳро ҳам дар вақташ гирифта наметавонам. Тавба, ҳамин ҳам зиндагӣ шуд?

Ҳабибаю Замира ноумед шуда, хона баргаштанӣ буданд, ки аз болои боми идораи ҷамоа ба пеши пояшон аввал як порча кулӯх афтид, баъд сангмайдаҳо рехтанд. Ҳар ду бо ҳайрат ба бом ва гирду атроф назар карданд, вале касеро надиданд.

Занаки фаррош ҷорӯбашро ба як сӯ ҳаво дода, ба сари кӯча омад ва ба болои бом чашм давонд. Садои қиқиросзанон хандидани бача баланд шуд.

– Шариф, ин туй? Дар болои бом чӣ кор мекунӣ? Аз ҳамон ҷо афтӣ, поят нашикаста намемонад, зуд поин фуро! – гуфт занак ва ғур-ғуркунон ҷорӯбро ба даст гирифта, ба духтарҳо нигарист:

– Худо ба ман як писаре не, балки балои азим дод, аз ҳад зиёд шӯху беодоб. Бачаҳои ҳамсояро озор медиҳад, калонсолҳоро ҳақорат мекунад, гапи маро намегирад. Намедонам чӣ кор кунам. Ҳаштсола шудаасту ҳарфҳоро намедонад, хондаю навишта наметавонад. Се бор ба синфи якум бурда мондам, аз дарс гурехта омад. На мактаб мехонад, на ба кори хона ёрӣ мерасонад. Аз афташ то калон карда ба қатори мардум медарорам, ки ба як ҷо мерасам. Аз дасти ин бача ҷигарам хун шуда рехт, обу адо шудам.

– Оташ гап намезанад? – ба ҳоли занак раҳмаш омада гуфт Ҳабиба.

– Оташ дар гӯр! – гуфт занак бо дарду алам, – се сол пеш

барои кор ба Россия рафту бо ҳамин гумном шуд. На зинда буданаш маълум, на мурда буданаш.

Дар чашмони занак ашк ҳалқа зада, ба рӯяш шорид. Вай бо рӯймоли сафеди сараш ашки чашмонашро пок карда, овораи кори худ шуд.

Духтарҳо бо занак хайру хуш карда рафтанӣ буданд, ки аз қафо касе сангмайда партофт.

– Шариф, бас кун, тез хона рав. Агар наравӣ, мезанам, чунон мезанам, ки… – шунида шуд овози қаҳролуди занак.

Ҳабибаю Замира ба ақиб нигариста, бачаи жӯлидамӯи пойлучу сарлучро диданд, ки ба суханони модараш парвое накарда, онҳоро бо ҳар гуна имою ишораҳои безеб масхара мекард.

– Шариф туӣ? – пурсид Замира.

– Ҳовва, – ҷавоб дод бача.

– Бачаи хуб менамоию беодобӣ мекунӣ. Ба гапи очат гӯш намекунӣ, кӯдакҳоро меранҷонӣ. Ин корат хуб нест.

– Ба ҷои ин мактаб хонӣ намешавад? – гуфт Ҳабиба. – Агар ҳозир мактаб нахонӣ, бесавод мемонӣ. Баъд ки калон шудӣ, пушаймон мешавӣ. Ба гапи очат гӯш кун, беодобӣ накун, мактаб рав.

– Намеравам, – лабонашро инҷ карда хандид Шариф.

Ҳабиба яке дид, ки бо мобайни кӯча як марди миёнсоли бузургҷусса, ки либоси милисагӣ дар тан дошт, оҳиста-оҳиста қадам зада меояд, гуфт:

– Агар ба гапи мо гӯш накунӣ, ба амаки милиса медиҳем. Туро бурда қава мекунад.

– Дар ин ҷо милиса нест, – гуфт Шариф бо ҳамон виқори пештара.

– Милиса нест? Ана бин кӣ меояд?

Шариф ба тарафи ишоракардаи Ҳабиба нигаристу ранги рӯяш парид ва аз тарс чунон гурехт, ки дар як дам аз назар ғайб зад. Духтарҳо завқ карда хандиданд. Занаки фаррош ба онҳо нигариста табассум намуд ва бо ишораи сар «хайр» гуфта, ба ҷорӯбзанӣ даромад.

## Супориши нав

Кабир ба кори Беҳрӯз ёрӣ расонда, замбарғалтаки дар ҳезумхона хобидаро кашола карда овард. Тахтаҳои пешу бари бордонаш шикаста, чархаш аз тир баромада буд. Беҳрӯз як даста тахтапораҳоро оварда, чен карда бурид. Баъд ҳар ду ҷӯраҳо пораҳои тахтаро ба чӯби бордони замбарғалтак монда, мех заданд ва чархашро гузаронда, бо фоначӯб мустаҳкам намуданд. Кор авҷ гирифт. Беҳрӯзу Кабир бо навбат хиштҳоро чида, ба бордони замбарғалтак бор карда, ба назди молхона бурда рехтанд. Дере нагузашта рӯи ҳавлӣ холӣ шуда, дар паҳлӯи молхона ғарами калони хиштҳо пайдо гардид.

Амаки Абдураҳим имрӯз аз бозор барвақт баргашт. Табъаш хира, димоғаш сӯхтагӣ буд. Вай болои кат баромада, дароз кашиду ба холаи Салима чой фармуд. Занак авзои беҷои шавҳарашро дида, хавотиромез пурсид:

– Аз бозор барвақт омадӣ? Асабонӣ метобӣ, тинҷӣ?

– Ҳеҷ гап нашудааст, шукри Худо тинҷӣ. Фақат ҳамин ки камтар асабонӣ шудам, – ҷавоб дод шавҳараш.

– Барои чӣ? Ягон кас ранҷонд ё ҷанг кардӣ?

– Пагоҳӣ саросема шуда, патентро нагирифтаам. Нозири андоз омада, гаранг кард. Қариб буд, ки дару тирезаро гирифта барад. Сад қасам хӯрда нозири андозро хушӣ ба хушӣ гусел кунам, милисааш омадааст, ки ҳаққашро диҳам. Бо вай анча кашокаш карда, сурху сафед шудем.

– Беинсофҳо намемонанд, ки мардум бемалол ризқу рӯзиашро ёфта, ором зиндагӣ кунанд, – зери лаб ғур-ғур кард холаи Салима.

Амаки Абдураҳим пиёлаи чойро дам кашида, нафасашро рост карду ба гирду атрофи ҳавлӣ чашм давонда, ғарами хиштҳои назди молхонаро дид ва хурсанд шуда Беҳрӯзро ҷеғ зад.

– Офарин, шери оташ, – гуфт вай, – хиштҳоро худат кашондӣ?

– Кабир ёрдам кард, қати вай кашондам, – гуфт Беҳрӯз.

– Ба ҷӯраат аз номи ман раҳмат гӯй, – илова намуд амаки

Абдураҳим. – Кабир бачаи хуб, боодобу меҳнатдӯст. Чунки дар оилаи коргар тарбия гирифтагӣ. Ҳар касе, ки меҳнат мекунад, Худо ба вай хайру баракат медиҳад.

Баъди каме таваққуф вай ба қитъаи замини обчакории поёни ҳавлӣ, ки дар он пиёзу кашнич кошта, кӯчати помидору қаланфури булғорӣ шинонда буданд, ишора карда, ба Беҳрӯз гуфт:

– Мебинӣ, аз камобӣ пажмурда шудаанд. Ба ту супориш ҳамин, ки пагоҳ об мон. Лекин назорат кун, ки аз ҷӯйбор оби калон омада, ҷӯякҳоро зер накунад.

Рӯзи дигар баъди ба бозор рафтани падараш Беҳрӯз аз паи иҷрои супориш шуд. Каландро гирифта, аз ҷӯйбори кӯча обро кушода омад ва ба ҷӯякҳои замини обчакорӣ равона намуд. Азбаски ҳамсояашон маърака дошт, модараш ҳамроҳи апааш барои дар пухтупаз ёрӣ расондан ба хонаи ӯ рафтанд.

Беҳрӯз болои марзаи замин нишаста, ҷоришавии обро тамошо мекард. Баробари наздик омадани об аз сӯрохиҳои замини ҷӯякҳо мӯрчаю гамбускҳо баромада, ба ҳар сӯ мегурехтанд. Алафҳои курмаки зичрӯидаи лаби ҷӯйбор, ки гӯё шамоли сахте хеста, онҳоро монанди мавҷҳои баҳр алвонҷ медода бошад, ба ҷунбиш даромаданду аз байнашон хорпуштаки майдаяке баромад. Беҳрӯз хам шуда, аз пои хорпуштак дошта ба даст гирифтанӣ буд, ки вай дар як миҷҷа задан пою сарашро ғундошта пинҳон кард ва ба тӯби лӯнда табдил ёфту хорҳояш сих шуданд. «Дар ҳавлии онҳо хорпуштак набуд, аз куҷо пайдо шудааст? Мумкин оби ҷӯйбор аз кӯча оварда бошад?» Беҳрӯз хост хорпуштакро ба рӯи кафи даст гирад, аммо ҳамин ки даст расонд, хорҳояш ба ангуштонаш халида, ба сӯзиш даровард. Вай белро ёфта омада, хорпуштакро ба рӯи он гирифта, бо шитоб кӯча баромад ва ба замин монд. Дар як дам кӯдакон ҷамъ шуда, гирдашро печонда гирифта, доду фарёд бардоштанд. Ҳар кас хорҳои хорпуштакро титу парешон намуда, сару пойҳои онро кофта диданӣ мешуд, вале наметавонист. Як бачаи панҷ – шашсола, ки мӯйсари фаххак дошт ва бисёр шӯх менамуд, чӯбро гирифта, хорпуштакро чаппаю роста кард.

Хорпуштак аввал мисли тӯб ғелид, баъд ногаҳон пойҳояшро бароварда гурехтанӣ шуд. Кӯдакон бо шӯру мағал аз пасаш давиданд. Бачаи шӯх хорпуштакро бо чӯб заданӣ буд, ки Беҳрӯз чӯбро аз дасти ӯ кашида гирифту як сӯ ҳаво дода:

– Беақлӣ накун! Ҷонвари бегуноҳро чаро мезанӣ? Убол аст, – гуфт ва хорпуштакро ба рӯи бел гирифта, ба мобайни алафҳои лаби ҷӯйбор монд. Алафҳо хишир-хиширкунон ба ҷунбиш даромаданд. Бачаи шӯх ба лаби ҷӯйбор омада, алафҳоро кунҷковона тагурӯ карда дид, аммо аз хорпуштак ному нишоне набуд. Аз ногаҳон ғайб задани хорпуштак ҳайрон шуда, ба сурудхонӣ даромад:

*Хорпуштаки ягона,*
*Кай меоӣ ба хона?*

Вай ин сурудашро такрор ба такрор мехонду кӯдакон завқ карда механдиданд.

Беҳрӯз овози модарашро шунида, хона даромад. Ба хона даромаду замини обчакориро пури об дид. Модараш каланд дар даст оби ҷӯйборро баста, поёноби ҷӯякҳоро сар медод. Об қитъаи дигари заминро пур карда, ғарами хиштҳо нам кашида буд.

– Беҳрӯзҷон, ҳама ҷоро об зер кардааст, – гуфт модараш, – обро кушодию кӯча баромада рафтӣ, аз пояш нашудӣ. Акнун отат ҷанг мекунад.

– Фаромӯш кардаам, – гуфт Беҳрӯз бо оҳанги афсӯс. Хайрият ки ҳеҷ воқеа рӯй надод. Падараш ӯро ҷанг накард. Ҳаво, ки хеле гарм буд, оби замин то бегоҳ бухор шуда, намии хиштҳо ҳам чандон ба назар нарасид. Баръакс падараш аз он, ки Беҳрӯз кори фармудаашро ба ҷо овардааст, қаноатманд шуд.

## Амакҷон, инсоф кунед!

Офарин ба Ҳабиба! Имрӯз боз бо як фикри аҷоиб ҳамроҳи Кабир назди Замира омад.

– Ману Кабир маслиҳат кардем, ки гелосу олу ва олуча чида, ба бозор барем ва ба пулаш ҳамон китоби шифоро ёф-

та харем. Диламон ба Беҳрӯз месӯзад, то кай вай бо хотири парешон мегардад? Агар розӣ шавӣ, ҳамроҳи мо ту ҳам рав.

– Албатта меравам, – гуфт Замира, – лекин иҷозати очамро бояд гирам.

Замира ба модараш мақсадро баён кард. Холаи Салима не нагуфт, балки хурсанд шуд ва гуфт, ки як сатил не, тавонад ду сатил олую олучаю гелос чида ба бозор бурда фурӯшад, китоб харад ва боқимондаи пулро биёрад.

Ҳабибаю Замира ва Кабир ҳар кадом як сатилӣ мева чида, ба роҳи калон баромаданд ва автобусҳое, ки ба шаҳр мерафтанд, интизор шуда истоданд. Дар роҳ мошин бисёр буд, вале онҳо ба даст боло кардани одамон нигоҳ накарда наистода гузашта мерафтанд. Ниҳоят як автобуси кӯҳна дуртар аз онҳо қарор гирифту чанд чолу кампир поён фуромаданд. Ҳабибаю Замира ва Кабир сатилҳоро бардошта ба сӯи автобус тохтанд, вале он зуд дарҳои шалақашро шараққосзанон пӯшида ба роҳ даромад.

Баъди чанде мошини боркаши болояш кушода омада дар назди онҳо истод. Ронанда – ҷавонмарди мӯйсартарошидаи тоқипӯш сарашро аз кабина бароварда, пурсид:

– Бозор меравед?

– Ҳа, ака! – баробар гуфтанд онҳо.

– Аз ҳар кас панҷоҳ дирамӣ.

«Майлаш» гӯён Кабиру Ҳабиба ва Замира зуд сатилхояшонро бардошта болои мошин баромаданд. Ними бордони мошинро халтаҳои пиёзу картошка ва сабзӣ банд карда буд. Онҳо сатилҳоро ба як кунҷ гузошта паҳлӯи ҳам нишастанд.

– Хайрият мошин шуд, – гуфт хурсандона Кабир, – набошад ба умеди автобус шуда то бегоҳ дар роҳ мемондем.

– Боз барои он нағз шуд, ки мошин рост ба бозор мебарад, – гуфт Хабиба, – агар автобус мебуд, то даромади шаҳр мебурду мефуровард. Сонӣ боз ба автобуси шаҳр шиштан лозим меомад.

Ҳамин тавр чақ-чаққунон онҳо ба шаҳр расидани худро нафаҳмида монданд. Дар даромадгоҳи шаҳр мошин дакка хӯрда якбора истод. Ҳабиба аз ҷои нишасташ хеста оҳиста ба поён нигаристу ду нафар нозирони роҳро дид, ки бо шаст

қадамзанон назди ронанда омаданд. Яке марди миёнсоли қадпасти фарбеҳ ва дигаре ҷавони қоматбаланди лоғаре буд, ки дар даст автомат дошт ва либоси васеи милисагӣ ҷуссаи ӯро ба назар боз ҳам хароботар нишон медод. Ҳабиба тарсида зуд ба ҷояш нишаст. Кабиру Замира ҳам хомӯш шуданд. Нозири ҷавони автоматдор аз ронанда, ки аз кабина мебаромад, бо оҳанги мағрурона пурсид:

– Дар мошин чӣ дорӣ?

– Ба бозор камтар пиёзу картошкаи деҳқонӣ овардам, – ҳалимона ҷавоб дод вай баъди даст дода вохӯрӣ кардан. Нозири қадпасти фарбеҳ чолокона ба зинапояи мошин баромаду ба даруни бордон нигариста, гӯё ки ягон чизи гумкардаашро ёфта бошад, хушҳолона фарёд кард:

– Вай дурӯғ мегӯяд. Ба ғайр аз пиёзу картошка боз одам гирифтааст.

– Одам? Чаро? Кӣ иҷозат дод, ки қоидаро вайрон кунӣ? – ҳуҷҷатҳои ронандаро аз назар гузаронда истода дӯғ зад нозири ҷавон.

– Бачаҳоро интизори автобус дида, раҳмам омад. Охир барои зиндагӣ шуда, ба бозор мева мебаранд, – гуфт узромез ронанда ва ба бачаҳо гуфт, ки аз мошин фуроянд. Бачаҳо сатилҳояшонро бардошта поин шуданд ва ба ронанда пул доданӣ буданд, ки вай бо ишораи даст «лозим нест» гуфт. Нозири қадпасти фарбеҳ аз сатили Замира кафашро пур карда гелос гирифту ба даҳонаш партофт ва «зуд аз ин ҷо дафъ шавед, набошад қама мекунам» гуфт.

– Бо мошини боркаш одам кашондан мумкин аст? – боз пурсид нозири ҷавон.

– Албатта не, – ҷавоб дод ронанда, – узри маро қабул кун, ука, – дигар такрор намешавад.

– Ман ба ту ука не, балки капитани милиса рафиқ Зоғаков, – бо ҷаҳл гуфт нозири ҷавон. «Номат ба худат мувофиқ будааст» – аз дил гузаронд ронанда.

– Бист сомонӣ ҷарима мекунам, – гуфт нозири ҷавон ва аз ҷузвдонаш қоғазу қалам бароварда, ба навиштан сар кард.

– Рафиқ капитан, ҳой рафиқ капитан, – ба таваллою зорӣ даромад ронанда, – пул надорам, ба Худо ки надорам. Агар

бовар накунӣ, кисаҳоямро кофта бин. Илоҳо барака ёбӣ, як бор аз гуноҳам гузар, илтимос!

Нозири ҷавон ба илтимосу илтиҷои ӯ эътиборе надода ба нависонавис машғул буд. Нозири қадпасти фарбеҳ аз оринҷи ронанда дошта, ба қафои мошин кашид ва ба гӯшаш чизе гуфт. Ронанда саросема болои мошин баромад ва як халтаи калони картошкаро поён партофт. Нозири фарбеҳ назди нозири ҷавон омада, «рафиқ капитан, майлаш ин дафъа аз гуноҳаш мегузарем» гӯён ҳуҷҷатҳоро аз дасташ гирифта, ба ронанда дод ва роҳи сафеди бехатар талабида, хайру хуш намуд.

* * *

Бачаҳо ба бозор омада, ҳангашон канд. Гӯё замин кафида, меваю сабзавот баромадааст. Ҷои поймонӣ набуд, харидорон ҳам бисёр. Қатори меваю сабзавотфурӯшҳо то роҳи калони назди дарвозаи бозор тӯл кашидааст. Ҳар се сатилҳояшонро дар сари роҳ монда, интизори харидорон шуданд. Кабир рафта, аз фурӯшандаҳои дигар нархи гелосу олую олучаро пурсида омад.

– Олуча як сомон, гелос дуюним, олу якуним сомон будааст, – гуфт Кабир, – мева бисёр, агар розӣ бошед, арзонтар фурӯхта барвақт меравем.

– Агар харидор ҳамаашро яклухт гирад, майлаш арзонтар мефурӯшем, – гуфт Хабиба. Замира ҳам розӣ шуд. Як маҳал ду милиса пайдо шуда омаданд, ки яке шоф барин бурут дошту дигаре бебурут. Милисаи бурутдор хам шуда, аз сатили Замира кафашро пур карда гелос гирифта, ба халтаи селафанӣ андохтан гирифт. Замира хомӯш меистод. Тоқати Хабиба тоқ шуду сатилро ба пешаш кашида:

– Амак, инсоф кунед, бас будагист охир, – гуфт. – Ними сатил холӣ шуд. Боқимондааш барои роҳкиро ҳам намерасад.

– Деҳқониай, харида наомадӣ-ку, – овозашро баланд кард милисаи бурутдор.

– Ба хона биёед, чӣ қадар хоҳед, бепул медиҳем, – гуфт ҳалимона Замира.

– Лекин олучаю гелосро аз шохи дарахт бо даст якта-якта

чида, аз роҳи дур овардан кори осон нест, – ба гап ҳамроҳ шуд Кабир.

– Сатилҳоро бардоред, дар ин ҷо фурӯхтан мумкин нест, – дӯғ зад милисаи дигар, ки то ин дам хомӯш меистод.

Баҳсу мунозира авҷ гирифт. Дар гирди онҳо мардум ҷамъ шуданд. Мӯйсафеди қоматбаланди нуроние, ки дар даст сатил дошт, асли воқеаро фаҳмида ба милисаҳо рӯ овард ва бо оҳанги нарми маслиҳатомез гуфт:

– Дар вақташ мо ҳам дар орган кор мекардем. Лекин бо мардум, хусусан заҳматкаши деҳот одамвор муносибат мекардем.

– Ҳой мӯйсафед, ба даҳонат нигоҳ карда гап зан, – гуфт милисаи бурутдор.

– Мӯйсафед гапи ҳақа гуфт, – овоз бароварданд дигарон. Як милисаи дигар, ки рутбаи полковникӣ дошт, омаду ба хархаша хотима гузошт. Вай ба ҳамкоронаш амр дод:

– Гелоси духтаракро баргардонда диҳеду худатон назди ман биёед.

Полковник бо шитоб қадам монда рафт. Мӯйсафеди нуронӣ гелосу олую олучаи бачаҳоро аз назар гузаронда гуфт:

– Агар арзонтар фурӯшед, ҳамаашро мегирам.

– Бобо, чандӣ мегиред? – пурсид Ҳабиба.

– Гелоса ду сомонӣ, олучая ҳаштод дирамӣ, олуя як сомонию бист дирамӣ.

Онҳо розӣ шуданд ва меваро фурӯхта ба мағозаи китоб омаданд. Солҳои пеш Ҳабиба ҳамроҳи падар ё модараш ба шаҳр омада, аз ҳамин ҷо китобу дафтар, рӯзномаю дигар асбобҳои хонишро харида мерафт. Тамоми бинои калон аз китоб пур буд. Ҳоло бошад ҷои онҳоро молҳои дигар гирифта, фақат дар як гӯшаи он китобу дафтар ба назар менамуд. Бачаҳо китобҳоро аз назар гузаронда, китоби даркориро наёфтанд. Ҳабиба аз кампири айнакӣ, ки китобу дафтарҳоро ҷо ба ҷо мекард, пурсид:

– Хола, китоби шифо надоред?

– Не, надорам, тамом шуд, – ҷавоб дод кампир ва дар чеҳраи бачаҳо осори афсӯсу навмедиро ҳис намуда,

маслиҳат дод:

– Лекин ин китобро дар шаҳр ёфтан мумкин. Дар сари роҳҳо, роҳҳои зеризаминӣ ва гузаргоҳҳо ҳам китоб мефурӯшанд. Беҳтараш назди академия равед, он ҷо бояд бошад.

Ҳар се ба кампир «раҳмат» гуфта, ҷониби академия рафтанд. Ва китоби шифоро ёфта, чунон хурсанд шуданд, ки гӯё китоб не, балки хазинаи тилло ёфта бошанд. Нархи китоб шаш сомонӣ будааст, Замира хост пули онро худаш диҳад, аммо Ҳабибаю Кабир розӣ нашуданд:

– Мо ҳар се аҳд кардем, ки китобро ёфта якҷоя мехарем, – гуфт Ҳабиба, – китоб барои табобати додари ту зарур аст, додари ту додари мо ҳам, ҳамсинфи мо ҳам мебошад. Барои ҳамин пули китобро баробар тақсим мекунем. Ғайр аз ин, агар ҳамин тавр накунем, ба ту ҷабр мешавад. Ҳозир пулёбӣ осон аст?

Онҳо китобро гирифта, шоду масрур ба деҳа баргаштанд.

## Фаришта ва бузаки ҷангара

Ҳабибаю Замира ва Кабир умед доштанд, ки холаи Салима китоби шифоро дида хурсанд мешавад, аз шодӣ барояшон ҷои шинондан намеёбад, дастархон кушода зиёфат медиҳад. Аммо умедашон барбод рафт. Модари бечора бачаҳоро бо хотири парешону дили пурғам ва чашмони ашколуд пешвоз гирифт. Дар як лаҳза дар чеҳраи бачаҳо аз шодӣ асаре намонд.

– Очаҷон, чӣ гап шуд? – пурсид Замира.

– Хола, гап занед, чӣ воқеа рӯй дод? – хавотир шуд Ҳабиба.

Модар оҳи вазнин кашида ба гап даромад:

– Пагоҳӣ баъди бозор рафтани шумо Беҳрӯз дар кӯча бо бачаҳо бозӣ мекард. Ман бо кори ҳавлӣ овора будам. Вақти хӯроки пешин шуд. Чой дам карда ӯро ҷеғ задам. Овозе наբаровард. Берун баромада аз бачаҳо пурсидам. Касе надо-

нист. Тамоми маҳалларо давр зада кофтам, ба лаби наҳр рафтам, болои тепаҳо баромадам, аз вай дараке наёфтам. Одати ба ҷойҳои дур рафтан надошт. Метарсам, ки ягон воқеаи нохуш рӯй дода бошад. Эҳ, Худоҷон, раҳм кун, дар паноҳат нигаҳ дор!

Аз чашмони модар ашкҳои сӯзон баромада, рухсораашро тар карданд.

– Холаҷон, хавотир нашавед, Беҳрӯз бачаи майда не, ки гум шавад, иншоолоҳ худаш меояд. Агар худаш наояд, аз куҷое, ки бошад, мо ӯро ёфта меорем, – тасаллӣ дод Кабир.

– Ҳа, хола, зиқ нашавед, ба хонаи ягон ҷӯрааш рафтагист, – гуфт Ҳабиба.

Ҳар се ба кофту кови Беҳрӯз рафтанд. Бори дигар соҳили наҳрро аз назар гузаронданд, аз бачаҳое, ки оббозӣ мекарданд пурсиданд, дар болои тепаҳои сабзазор бо чӯпонбачаҳо вохӯрда, сӯҳбат намуданд, аммо онҳо гуфтанд, ки Беҳрӯзро надидаанд, вай ба ин ҷойҳо наомадааст.

– Медонед, чӣ кор мекунем? – маслиҳат дод Ҳабиба, – акнун тақсим шуда, ҳар кадом маҳалларо дида мебароем. Ту, Замира, ба маҳаллаи худатон, Кабир ба маҳаллаи мобайнӣ, ман ба маҳаллаи боло меравам. Шарташ ҳамин ки ҳавлӣ ба ҳавлӣ даромада пурсуҷӯ мекунем.

Таклиф маъқул шуд ва ҳар се аз паи кор шуданд.

Ҳабиба дар кӯча бо ҳар бачае, ки вомехӯрд, аз ӯ Беҳрӯзро мепурсид ва ҷавоби радро шунида, роҳашро боз давом медод. Ҳангоме, ки ба маҳаллаи боло расид, ба духтарчаи сечорсолаи зебояк дучор омад, ки дар лаби ҷӯйбор нишаста, ба об сангча мепартофт.

– Духтарчаи зебояк, номат чӣ? – пурсид ӯ.

Духтарча сар бардошта, бо табассуми ширин ба Ҳабиба нигарист:

– Фаришта.

– Номат худат барин зебо будааст. Ака дорӣ?

– Ҳо, дорам.

– Номаш чӣ?

– Номаш… номаш Ҷӯгӣ.

– Чӣ, Ҷӯгӣ?

– Ҳа.

– Ном қаҳат зада буд? Очаю отат номи дигар наёфтанд? – ҳайрон шуд Ҳабиба.

– Ҷӯраҳояш ӯро Ҷӯгӣ мегӯянд, – қоматашро рост карда хандид духтарча. – Номи худаш Ризвон.

– Ҳаминро барвақт гӯй, намешавад? Ҷӯраҳои акаат бачаҳои хуб набудаанд. Набошад ин лақаби хунукро ба ӯ намедоданд. Хайр, майлаш, акнун бигӯй, ки акаат дар хона?

– Не, хонаи холам рафт.

– Худаш танҳо рафт?

– Не, қати як бача.

– Номи бачаро медонӣ?

– Намедонам.

– Хонаатон дар куҷо?

– Ҳо, ана, – гӯён духтарча як дарвозаи чӯбини сабзрангро нишон дод.

– Дар хона саг доретон?

– Не, буз дорем.

– Буз бошад, ҳеҷ гап не, – завқ карда хандид Ҳабиба ва назди дарвоза омада, онро бо мушташ чанд карат кӯфт. Аммо аз дарун садое набаромад. Як табақи дарвозаро тела дода ба дарун даромад. Дар рӯи ҳавлӣ касе наменамуд. Дар поёни суфа як бузи калони сафед, ки шохҳои дарози печон дошт, алаф мехӯрд.

– Хола, ҳой хола! – овозашро баланд кард Ҳабиба. Касе набаромад. Буз Ҳабибаро дида, ба ҷониби ӯ оҳиста-оҳиста қадам монд.

– Биё, биё, бузаки ҷингилапои ман, биё алафат медиҳам, нону қандат медиҳам, мехурию кайф мекунӣ, сер мешавию бозию шодӣ мекунӣ, – навозиш кард Ҳабиба. Буз ба ногоҳ ба қаҳру ғазаб омада, шохҳояшро мисли шамшер ба тарафи Ҳабиба нигаронда, чунон сахт давид, ки агар Ҳабиба андаке сустӣ мекард, эҳтимол ягон ҳодисаи нохуш рӯй медод. Ҳабиба аз тарс дод гуфта, ба сӯи хона гурехт ва бо модари Фаришта рӯ ба рӯ омад.

– Ин бузи балозада аз саг ҳам бадтар, – ғур-ғур кард за-

нак. – Одами бегонаро бинад, девона шуда, шохзанӣ мекунад. Чанд бор гуфтам, ки фурӯшему ба ҷояш гӯсфанд гирем, аммо Ризвон розӣ нашуд. Аз хурдӣ, ки худаш калон кард, дилаш намешавад.

Занак ресмон оварда, бузро аз гарданаш баст ва аз шоххояш дошта кашолакунон ба молхона бурда баст.

– Хола, Ризвон ба хонаи холааш танҳо рафт ё қати ягон ҷӯрааш? – пурсид Ҳабиба.

– Ҳамроҳи як ҷӯрааш.

– Номашро намедонед?

– Ба хаёлам Наврӯз ё Фирӯз гуфт.

– Фирӯз?.. Ё Беҳрӯз? – ба ҳаяҷон омад Ҳабиба.

– Дуруст, дуруст, Беҳрӯз.

– Раҳмати калон, холаҷон! – изҳори миннатдорӣ намуд Ҳабиба, – бачаи кофта гаштагиамонро ёфтем. Модараш хавотир шуда, аз саҳар боз ӯро кофта гаштааст. Ба модараш гап назада рафтааст.

Ҳабиба аз хурсандӣ ба куртааш нағунчида, давон-давон роҳ мегашт. Дар нимаи роҳ Замираю Кабирро дида фарёд зад:

– Беҳрӯзро ёфтем, ёфтем! Ҳамин замон меояд.

Бачаҳо вориди ҳавлӣ шуда, ба холаи Салима аз ёфт шудани Беҳрӯз мужда расонданд. Дере нагузашта худаш даромада омад. Модараш ӯро ба оғӯш кашида, аз сару рӯяш бӯсид. Аз чашмонаш боз ашк баромад, вале он ашки шодӣ буд. Албатта барои гап назада бедарак шуда рафтанаш Беҳрӯзро сарзаниш карданд, вай бошад ҳарфе намегуфт ва зери лаб ноаён табассум мекард. Падараш амаки Абдураҳим аз бозор баргашт, аммо дар бораи ҳодисаи имрӯза касе лаб накушод. Беҳтараш хабардор набошад, гуфтанд онҳо, вагарна ҷанҷоли нав хестанаш мумкин.

## Бачаи аҷоиб

Аз он рӯзе, ки китоби шифо дарёфт шуд, он даст ба даст гашт. Бачаҳо маслиҳат намуда, китобро ба ҳисса тақсим

карданд ва ҳар кадом ҳиссаи худро хонда баромада, дар ҳар ҷое, ки ба давои касалии фаромӯшхотирӣ дучор оянд, ба дафтари махсус номи гиёҳу буттаҳо, ҳайвоноту парандаҳо ва тарзу усули тайёр намудани доруҳоро навиштанд. Бо тавсияи онҳо амаки Абдураҳиму холаи Салима низ китобро гирифта, фурсат ёфта хонданд. Ҳабибаю Замира ва Кабир китобро чунон бо шавқ хонданд, ки таассуроти худро бо нақл кардан тамом карда наметавонистанд. Фақат Беҳрӯз бепарво буд. Боре ду-се саҳифа хонду «зиқ шудам» гуфта, китобро болои кат партофт. Ҳабиба барои ҷалб намудани диққати Беҳрӯз чанд саҳифаи аҷоиби китобро хонда дод: «Гӯшти хурӯси ҷавон барои зиёд гардондани ҷавҳари майна, фаҳм, дафъи хаёлҳои беҷо ва фикрҳои бад давои хуб мебошад… Агар мағзи сари мурғро пухта бихӯранд, ҷавҳари майнаро зиёд мекунад, қуввати тафаккурро афзун месозад, зеҳнро тез ва овозро соф мекунад, вале агар инро бардавом бихӯранд, касро аҳмақ мегардонад.» Вай боз дар бораи ба касалии фаромӯшхотирӣ даво будани шири гову шири модар, пӯсти сари бузғолаю решаи чормағз, чашми шонасараку решаи гули савсан нақл карда истода буд, ки Замираю Кабир қаҳ-қаҳ зада хандиданд ва худаш ҳам тоб оварда натавониста хандид. Аммо Беҳрӯз хомӯш буд.

Холаи Салима ба бачаҳо бо ишораи даст «кордор нашавед» гуфту машғули тайёр кардани кадом як доруи дигар шуд. Акнун вай аз ҳар ҷо ҳаргуна гиёҳу буттаҳо ва меваи хушку тарро ёфта омада, дору тайёр мекард ва гоҳ бо таваллою зорӣ ва гоҳ бо зӯрию таадӣ ба писараш мехӯронд, то ки ба бемориаш даво гардад, аммо Беҳрӯз аксар вақтҳо якравӣ намуда, ба гапи модараш намедаромад.

Саҳарии рӯзи дигар бачаҳо азми кӯҳбарой карданд. Инро ҳар се – Ҳабибаю Кабир ва Замира маслиҳат карда буданд.

– Савсани кӯҳӣ давои беҳтарин будааст, – гуфт Замира ба модараш, – ҳар сеямон меравему чида меорем.

– Медонам, медонам, – гуфт холаи Салима, – лекин барои ин ба кӯҳи баланд баромадан шарт нест. Савсан дар тепаҳо ҳам мерӯяд. Кӯҳбарои кори шӯхӣ? Ҳар хел ҳодисаи нохуш рӯй доданаш мумкин.

– Не, вай нодуруст гуфт, – ба гап ҳамроҳ шуд Ҳабиба, – ба кӯҳ не, ба теппаҳои наздики деҳа меравем.

– Хайр, майлаш, – розӣ шуд холаи Салима, – лекин дур наравед, зуд баргардед, эҳтиёт шавед, кас хавотир мешавад.

Ҳама ба роҳ даромаданд. Беҳрӯз ҳам хост, ки ҳамроҳ равад, вале:

– Не, – гуфт бо қатъият холаи Салима, – рафтани ту мумкин нест. Ғайр аз ин ман ба ту кори зарур дорам.

Вақте ки бачаҳо аз маҳалла гузашта, ба тепаи якум баромаданд, офтоб аллакай баланд шуда, нурҳои гарми худро ба атроф мепошид. Бо вуҷуди ин болои теппа салқин буд. Шамолаки форами кӯҳсор сабук-сабук вазида, бӯи хуши алафҳо ва гулҳои тару тозаро ба атроф паҳну парешон месохт. Тухмҳои хушкидаи гули қоқу аз вазиши бод чун ғозҳои пахта рақскунон ба дуродур парида мерафтанд. Гумбази нуқрафоми осмон аҷаб асрорангез ба назар метофт. Як гӯшаи он монанди дудҳои ғализи заводи семент сип-сиёҳ, гӯшаи дигараш оина барин софу беғубор ва зебо буд, ки кас аз тамошояш сер намешуд. Гоҳ-гоҳ садои раъду барқ баланд шуда, аз дур рангҳои сурху сафед, сабзу бунафши тиру камон ба чашм мезад. Баъди он ки ба тепаи дуюм баромаданд, бачаҳо дам гирифтанд.

Ҳабибаю Замира болои бистари алафин дароз кашиданд.

– Аз афташ дар ин ҷо савсан намерӯяд, – гуфт Кабир ва халтаи худро, ки дар дарунаш корду теша ва доси майда дошт, ба замин монда, ба хаёл рафт.

– Не, мерӯяд, – гуфт Замира, – порсол омада, як даста гули савсан чида будем. Дар ин ҷо ҳамаи гулҳо ҳастанд. Фақат ин ки ҳоло мо бо инҳо дучор нашудем.

Ногаҳон садои найи чӯпонӣ ба гӯш расид. Аммо дар атроф касе наменамуд. Кабир аз ҷой хеста ба пастӣ нигоҳ кард. Чӯпонбачаи тахминан шонздаҳ-ҳабдаҳсола гову гӯсола ва гӯсфанду бузғолаҳоро ҳай карда меомад. Аз қафои пода як саги калони сиёҳ мерафт. Чӯпонбача молҳоро боло бароварда, як сӯ ронду худаш ҳамроҳи саг назди бачаҳо омад. Шиму курта ва костуми кӯҳна пӯшида буд, дар пой мӯзаи калон дошт. Рӯю гардан ва дастонаш аз нурҳои офто-

би баҳор сип-сиёҳ шудаанд. Мӯйсар, абрӯвон ва ҳатто мижаҳои заб-зард ва чашмони кабудаш ба як тарзи аҷиб медурахшиданд. Бачаҳо ба мӯйҳои тилоранги ӯ нигариста хандаашон омад, вале худдорӣ карданд.

– Чукричинӣ омадед? – пурсид чӯпонбача ва аз паҳлӯи Кабир ҷой гирифта нишаст.

– Не, гулчинӣ, – ҷавоб дод Кабир. – Моли колхоза мепоӣ? – пурсид вай.

– Не, ин моли мардуми деҳа.

– Худат аз кадом деҳа мешавӣ?

– Аз Чортут.

– Чортута медонам. Хонаи тағом дар ҳамон ҷо.

– Номаш чӣ?

– Киромиддин.

– Киромиддини оҳангар?

– Ҳа, ҳамон кас.

– Вай ҳамсояи мо.

Сӯҳбати Кабир бо ӯ тасфид. Ҳабибаю Замира ҳам ҳар хел саволҳо доданд.

– Номам Бӯрон, дар синфи нӯҳум мехонам, – ба нақл даромад чӯпонбача. – Мардуми деҳа моли худро бо навбат ба чарогоҳ мебаранд. Ҳафтае як бор навбат ба ман мерасад. Дилам мехоҳад ҳар рӯз ба кӯҳу доманаҳо бароям. Ина бинед чӣ хел ҷойҳои зебою хушҳаво. Кас кайфу сафо мекунад. – Вай бо дастонаш атрофро нишон дода, завқ мекунад, – Барои ҳамин хонданро бас карданӣ шудам. Лекин очаю отам намонданд, ҷанг карданд ва гуфтанд, ки ҳатман бояд синфи даҳумро тамом кунам. Ман гуфтам: аз хондан чӣ фоида? Ана бинед, муаллимҳо мактабро партофта савдогарӣ мекунанд. Ё мисол гирем амакамро. Вай института тамом кардагӣ. Дар совхоз механик шуда кор мекард, ҳозир бошад – бекор. Хайрият совхоз камтар замин дод, акнун бо кишту кор машғул. Лекин барои кори деҳқонӣ хондану маълумот гирифтан чӣ даркор? Отам ба ин фикри ман тамоман муқобил баромада мегӯяд: маълумот, касбу ҳунар ягон вақт лозим мешавад, умуман хондан ҳеҷ зарар надорад. Дар бораи гуфтаҳои отам дер вақт фикр мекунаму баъзан розӣ ҳам

мешавам.

Бӯрон хомӯш шуд ва аз бағалкисаи кастумаш найро баровардa, оҳанги шӯхеро замзама кард. Ҳама гӯшу ҳуш шуданд. Аз садои найи ӯ гӯё баргу шохаҳои гиёҳу буттаҳои атроф ларзида, хаму рост шуда мерақсиданд.

– Офарин, хуб менавохтаӣ! – таъриф кард Ҳабиба.

– Найнавозиро аз кӣ ёд гирифтӣ! – пурсид Замира.

– Аз бобом, – бо ифтихор ҷавоб дод Бӯрон. – Бобом чӯпони колхоз буд, ҳамин найро доим ҳамроҳаш ба чарогоҳ бурда менавохт.

– Бобот ҳозир чӣ кор мекунад? – пурсид Кабир.

Бӯрон зуд ҷавоб надод, балки дуру дароз ғарқи фикр шуда, тарҳи рӯяш тағйир ёфта, ғамгин гардид.

– Бобом порсол қазо кард, – гуфт ӯ бо дили озурда ва қариб буд, ки ашки чашмонаш бароyд. – Одами хуб буд бобом. Маро дӯст медошт, ҳамроҳаш ба кӯҳу адирҳо мебурд. Ман ҳам ӯро бисёр дӯст медоштам. Ана ҳамин хел як одами нағз, ки ҳатто пашшаро озор намедод, се рӯз касал шуду ин дунёро тарк кард. Мурдани одами хуб ин қадар осон будааст. Рӯзи дафн одами бисёре омад. Ҳатто то сари қабр тобуташро рӯи даст бардошта рафтанд. «Инсони асил буд, Худо раҳмат кунад, ҷояш ҷаннат шавад» гуфтанд. Ӯро ҳама ҳурмат мекарданд. Охир вай чӯпони пешқадами колхоз, иштирокчии ҷанг, қаҳрамони меҳнат буд, медали ситораи тилло дошт. Ду бари кастумаш аз поён то боло аз ордену медал пур буд.

Саги калони сиёҳ, ки дуртар аз Бӯрон хобида буд, аз ҷояш хеста ба тарафи Замира омад. Замира тарсида гурехт.

– Натарс, намегазад, – гуфт Бӯрон, – то ман гап назанам, ба касе кордор намешавад. Ин саги доно, ҳама гапа мефаҳмад. Канӣ, Шер, ин ҷо биё!

Саг омада, ба паҳлӯяш нишаст.

– Ин сага бобом калон кардагӣ. Боз як саги дигар дошт вай. Номаш Полвон буд. Баъди як моҳи вафоти бобом касал шуда мурд. Дилаш ба бобом сӯхта аккос мезаду уллос мекашид, гиря мекард.

– Ин саги сиёҳ ғам нахӯрд? – пурсид Ҳабиба.

– Шер ҳам ғам хӯрд, ҳатто касал шуд, хайрият ки намурд, зинда монд.

Бӯрон аз паи пода рафтанӣ шуда гуфт:

– Агар гул чиданӣ бошед, поёнтар фуроед, он ҷо гул бисёр.

– Ба мо гули савсан даркор, – гуфт Ҳабиба.

– Поён фуроед, як дарахти калони сада ҳаст, таги дарахт чашмасор, ана ҳамон ҷо пури савсан.

Бачаҳо бо пайраҳаи борик поён фуромада, ба чашмасор расиданд. Дар ҳақиқат дар лаби чашмаҳо савсан чунон фаровон буд, ки гули сурху сиёҳ ва зарди дурахшони он чашми касро мерабуд. Кабир халтаро кушода, досу теша ва кордҳоро баровард. Замира бо досча гулҳоро даравиданӣ буд, ки Ҳабиба намонд:

– Савсанро бо решааш канда мегиранд. Худи гулаш даво намешавад.

– Набошад досчаро барои чӣ овардем? – пурсид Замира.

– Барои эҳтимол, шояд даркор шавад, – ҷавоб дод Кабир.

Ҳар се бо тешаю кордҳо бехи гули савсанро кофта, бо решааш, ки дарози пургиреҳ ва ғафсиаш ангушти даст барин буд, канда гирифтанд. Дар андак муддат халта аз гулҳои савсан пур шуд. Баъди нӯшидани оби чашма ва каме дам гирифтан бачаҳо роҳи хонаро пеш гирифтанд. Дар пайраҳаи тепа Бӯронро диданд, ки болои харсанг нишаста най менавохт. Аз теғаҳои кӯҳ акси садои он шунида мешуд. Саги ӯ – Шер дар паҳлӯяш нишаста, чун посбони зирак атрофро наззора мекард. Аввал Ҳабибаю Кабир, сипас Замира ба сӯи Бӯрон нигариста даст ҷунбонданд.

– Чӣ хел бачаи аҷоиб будааст ин Бӯрон, – гуфт Ҳабиба, – хушсӯҳбат, меҳнатдӯсту боақл ва хоксор.

– Кошки бори дигар бо ӯ вомехӯрдем, – гуфт Замира.

## Дар ҷустуҷӯи шонасарак

Холаи Салима гулҳои савсани чида овардаи бачаҳоро тоза шуста хушк кард. Аз рӯи дастури китоби шифо панҷоҳ

грамм решаи хушки онро дар сеюним литр об дар оташи паст ним соат ҷӯшонд. Баъд оброро соф карда, аз он ҳар шаб пеш аз хоб сад граммӣ ба Беҳрӯз нӯшонд ва як чойқошуқӣ асал ҳам хӯронд. Аз байн чанд рӯз гузашт, вале дар аҳволи бемор ягон беҳбудӣ дида нашуд.

Бачаҳо аз паи ҷустуҷӯи давои дигар – шонасарак шуданд, ки дар китоби шифо дарҷ ёфта буд. Бо супориши Ҳабибаю Замира Кабир китоби энсиклопедияро дар бораи паррандаҳо аз муаллими зоологияи мактабашон гирифта омад. Ҳар се хонда баромаданд. Маълум шуд, ки шонасарак дар дашту даманҳо, марғзору чарогоҳҳо зиндагӣ карда, хӯрокаш тортанаку кирмҳо ва дигар хашаротҳо, ҷои хобаш байни харсангҳою ковоки дарахтон будааст. Онҳо шонасаракро дар дашту саҳро дида буданд, аммо дар куҷо ва чӣ тавр дастгир кардани онро намедонистанд.

– Медонӣ-чӣ? – маслиҳат дод Ҳабиба, – ба чарогоҳ рафта, аз Бӯрон илтимос мекунем, ки ба мо ёрӣ расонад. Вай бачаи хуб, не намегӯяд.

– Гапат маъқул, – хурсанд шуд Замира.

– Лекин Бӯрон ҳар рӯз ба молчаронӣ намеояд-ку, – гуфт Кабир, – шояд имрӯз набошад. Худаш гуфта буд, ки дар як ҳафта як бор навбаташ мерасад.

– Фикрат дуруст, – гуфт Ҳабиба, – супориши мо ба ту ҳамин, ки ба чарогоҳ рафта, аз Бӯрон хабар гирифта меоӣ.

Кабир ба чарогоҳ рафт. Ба ҷои Бӯрон молҳоро як мӯйсафед мечаронд. «Бӯрон имрӯз намеояд, – гуфт вай, – навбаташ пасфардо».

Пас аз ду рӯз бачаҳо пагоҳии барвақт ба чарогоҳ омаданд ва Бӯронро ёфта мақсадашонро баён намуданд.

– Шонасаракро чӣ кор мекунед? – ҳайрон шуд Бӯрон.

Ҳабиба ҳамаашро фаҳмонда дод ва гуфт, ки гулҳои савсанро ҳам беҳуда начидаанд, балки барои табобати бемории як бачаи бечора аст.

– Кори савоб мекунед, – хурсанд шуд Бӯрон ва ба доманаи тепаҳо чашм дӯхт. Сипас сагашро ҷеғ зада гуфт, ки ба ҷое наравад ва ба молҳо нигоҳ кунад.

Бачаҳо хамроҳи Бӯрон ба поён фуромада, лаби ҷӯйбори

калон омаданд, ки қад-қади он дарахтони беду тут ва чанор қомат афрохта буданд. Гунҷишку кабӯтар, майнаю акка, парасту ва дигар паррандагони ҳарранга дар шохҳои дарахтон нишаста, нағмасароӣ мекарданд. Онҳо села-села парида, ба дуриҳо мерафтанду боз баргашта меомаданд. Аммо дар байни онҳо шонасарак набуд.

– Зоти шонасарак дар ин ҷо кам, лекин ёфт мешавад. Ман дирӯз дида будам, – гуфт Бӯрон. – Сабр кардан лозим.

– Агар биёяд, чӣ хел дошта мегирем? – пурсид Кабир.

– Аз лонааш дошта гирифтан мумкин, – гуфт Ҳабиба.

– Дуруст, дуруст, – гапи ӯро тасдиқ намуд Бӯрон, – илоҷи дигар нест.

– Ҳама давра гирифта рӯи майсазор нишастанд. Бӯрон найро аз дарункисаи кастум бароварда, ба навохтан даромад. «Акнун вай як соат найнавозӣ кунад, мо интизор шуда мешинем?» – бетоқатӣ карда ба Ҳабиба гуфт Замира.

Бӯрон инро аз авзои духтарҳо пай бурда, найро ба киса андохта аз ҷояш хест.

– Шонасарак одатан дар ковоки танаи дарахтон хона мемонад, канӣ бинем-чӣ.

Онҳо рафта, як-як дарахтонро диданд.

– Ана ёфтам, ёфтам! – хурсандона дод зад Ҳабиба ва ковоки танаи дарахти тутро нишон дод.

– Хонаи парандаи дигар набошад? – шубҳа кард Замира.

– Не, гуфт Бӯрон, – хонаи шонасарак ҳамин хел мешавад.

Вай сангчаеро ёфта, ба даруни ковок партофт. Садое набаромад.

– Дар хонааш нест, куҷое рафтагӣ. Интизор шудан даркор, – гуфт Кабир.

Бачаҳо дуртар рафта шонасаракро поида нишастанд. Ҳама хомӯш. Дақиқаҳо паи ҳам мегузаштанду аз шонасарак дарак набуд. Хомӯш нишастан ба дили ҳама зад. Тоқати Ҳабиба тоқ шуду ба гап даромад ва ба гӯши Замира пичиррос зад. Замира хандид. Бӯрону Кабир аз хонаи шонасарак чашм намеканданд. Баногоҳ шонасарак пайдо шуда, дар болои шохи баланди тут минқорзанону пиш-пишкунон рақсу бозӣ кард, баъд оҳиста ба хонааш даромад.

– Хомӯш, бачаҳо, хомӯш, начунбида шинед, – гуфт Бӯрон ва ҳамроҳи Кабир ба таги тут омад. Худаш ба танаи дарахт часпида боло баромадан гирифт. Ба хонаи шонасарак расида, ба дарунаш даст андохт, вале он чунон чуқур буд, ки дасташ ба тагаш нарасид. Бо ишораи вай Кабир бо чӯбдаста ба танаи тут зад, то ки шонасарак тарсида боло барояд. Кабир боз як чанд маротиба зада буд, ки шонасарак аз сӯрохии дигар баромада, патарросзанон парида рафт. Маълум шуд, ки дар қисми болоии танаи дарахт боз як сӯрохӣ будааст, ки бачаҳо надидаанд.

Ҳама аз омад накардани сайдашон афсӯс хӯрда, чӣ кор карданашонро надониста хомӯшу ҳайрон истода буданд, ки аккоси саг баромад. Бӯрон ба сӯи пода нигоҳ карда, мергани хоҷагии ҷангал амаки Рустамро дид, ки дар китф милтиқи шикорӣ ва дар даст бордон аз кӯҳ фуромада меомад. Бӯрон ва ҳамроҳонаш ба пешвози мерган рафтанд. Бачаҳо ба умеди ёрӣ ба ӯ воқеаро нақл намуданд.

## Дунё баумед аст

Саҳарии барвақт мерган амаки Рустам омад ва аз бордонаш чизи қоғазпечро бароварда ба Замира гуфт:

– Ба очаю отат салом гӯй. Шонасаракро ҳозир сайд карда овардам. Илоҳо ба дардаш даво шавад.

– Хона намедароед? – илтифот намуд Замира.

– Не, раҳмат. Вақт танг, маро интизоранд.

Замира қоғазпечро кушода, шонасаракро берун баровард. Ба димоғаш бӯи бад зад. Давон бурда онро ба модараш дод.

– Барои чӣ бӯи бад дорад, оча? – пурсид Замира.

– Ин худаш ҳамин хел паррандаи бадбӯй аст, – ҷавоб дод холаи Салима ва шонасаракро пӯст канда, тоза шуст, аз рӯи гуфти табиб дилу чашмашро ҷудо кард. Дили паррандаро, ки хурдакак буд, рӯи лаълича гузошт ва аз чашмаш ресмон гузаронд, то ки Беҳрӯз ба гарданаш овехта гардад. Ва Беҳрӯзро чеғ зада, бо навозишу меҳрубониҳои зиёд гуфт:

– Бачаҷони азиз, ин доруро табиб фармудааст. Чашматро

пӯшида дилашро якбора фурӯ бару чашмашро аз ресмонаш ба гарданат овез. Фоида дорад, зуд сиҳат мешавӣ.

Беҳрӯз лаъличаро ба даст гирифта буд, ки аз бӯяш дилаш беҳузур шуд. Лаъличаро бо қаҳр ба замин монда:

– Ин чизи бадбӯйро хӯрда мешавад? Намехӯрам, намехӯрам!

– Якравӣ накуну якбора фурӯ бар.

– Не гуфтам, не.

– Хайр чашмашро овез.

– Не, не, намехоҳам. Чаро маро азоб медиҳӣ? Ман касал не!

Холаи Салима лолу ҳайрон монд, чӣ кор карданашро надонист. Бечора мдар, вай ҷон канда, ғами бачаро мехураду бача парвое надорад. Вай мехоҳад ҷигарбандаш сиҳат шавад, чун пештара ҳушёру зирак, чусту чолок, хотираш мустаҳкам бошад. Барои ҳамин шабҳоро нахобида рӯз кард, пеши мулло рафт, фолбину табиб рафт, ҳазору як хел дору оварду дору тайёр карда ба бачааш дод. Вале ҳамааш барабас.

Холаи Салима ҳарчанд гоҳ бо зорию тавалло ва гоҳ бо зӯрӣ бисёр доруҳоро ба писараш хуронд, натиҷае ҳосил нашуд ва Беҳрӯз монанди пештара ҳама чизро зуд-зуд фаромӯш мекард ва кори кардаашро намедонист. Модар аз ин хуни ҷигар мехӯрд, аз ғаму ғусса обу адо мешуд. Наход илоҷи табобати ин бeморӣ набошад? Наход фарзандаш, ҷони ширинаш як умр ҳамин хел боқӣ монад? Не, албатта. Роҳи ягонаи халосӣ ин табобати духтурон. Танҳо духтурон метавонанд бачаи ӯро аз касалӣ наҷот диҳанд. Дунё баумед гуфтаанд. Ӯ умед дорад, боварӣ дорад. Агар зарур шавад, молу мулк, чизу чора ва ҳавлии худро мефурӯшаду ба пули он Беҳрӯзи азизашро табобат мекунонад.

## Маслиҳати профессор

Беҳрӯзро боз ба беморхонаи шаҳр хобонданд. Духтурони шӯъбаҳои касалиҳои рӯҳу асаб ӯро муоинаю ташхис карда,

сабаби фаромӯшхотириашро муайян намуданд. Сардухтури шӯъбаи касалии асаб профессор Амон Пӯлодов, ки марди солхӯрдаи тоссар ва айнакӣ буд, амаки Абдураҳимро дар утоқи кораш қабул карда, сӯҳбати тӯлонӣ ороcт:

– Касалии бачаатон муайян шудааст, – гуфт вай, – онро ба истилоҳи илми тиб амнезия, ба тоҷикӣ нисён меноманд. Гирифтори ин касалӣ фаромӯшхотир мешавад. Қобилияти қабули ҳофиза ва нигоҳ доштану ба ёд овардани хотирааш суст мегардад ё аз байн меравад. Нисён чандин хел мешавад ва сабаби пайдоишаш гуногун аст. Як сабаби он сахт лат хӯрдани сар ва захмин шудани майнаю системаи асаб мебошад. Бачаи шумо низ ҳамин хел захмин шудагӣ. Дар натиҷаи афтидану сахт ба санг задани сар майна осеб дида, хуну фасод ҷамъ шудааст, ки онро бо роҳи ҷарроҳӣ тоза карда, малҳам молидан лозим аст.

– Мо аз рӯи маслиҳату тавсияи табибони халқӣ доруи бисёр тайёр карда додем, лекин фоида накард, – гуфт амаки Абдураҳим.

– Табобат бо усули халқӣ на ҳамеша ва на ба ҳар бемор натиҷаи мусбат мебахшад. Тарзу усул ва низоми тайёр кардани доруҳо ҳар хел аст ва аз ӯҳдаи он ҳар кас баромада наметавонад. Танҳо бо роҳи ҷарроҳӣ аз ин беморӣ халос шудан мумкин. Агар ҳама дардҳоро табиби халқӣ шифо мебахшид, ҳоҷат ба духтур намемонд, касе ба беморхона намерафт. Ин қадар таҷҳизоти нодири гаронбаҳо лозим ҳам намешуд.

– Ҷарроҳии майнаи сар хатарнок нест? – пурсид хавотиромез амаки Абдураҳим.

– Албатта ҳар гуна ҷарроҳӣ кори душвору хатарнок аст, – гуфт оромона профессор, – лекин мо ин гуна касалиҳоро бисёр ҷарроҳӣ кардаем ва таҷрибаи кофӣ дорем, ки ин корро бомуваффақият анҷом диҳем.

– Барои ин кафолати пурра дода метавонед? – боз пурсид ӯ.

Профессор айнакашро гирифта хандид, сари бемӯяшро хорид ва худро ҷиддӣ нишон дод:

– То ҳол ягон ҷарроҳ сад фоиз кафолат надодааст, лекин наваду нӯҳ фоиз додан мумкин. Агар розӣ бошед, забонхат

нависед.

Профессор ба пеши ӯ қоғазу қалам монд.

– Забонхат барои чӣ?

– Барои розигӣ. Қоида ҳамин хел. Бе ин духтур ҷарроҳӣ намекунад.

Амаки Абдураҳим ба фикр фурӯ рафт.

– Хавотир нашавед, ҳамааш нағз мегузарад. То ҷарроҳӣ накунем, бача сиҳат намешавад, – гуфт профессор. – Завҷаатон розӣ аст?

– Занак ихтиёрро ба дасти ман додагӣ, розӣ мешавад.

Амаки Абдураҳим забонхатро навишта пурсид:

– Хароҷоташ чанд мешавад?

– Худатон медонед, ки давлат камбағал аст, барои беморхона ба қадри кофӣ пул дода наметавонад. Пуле, ки ҷудо мекунад, ночиз аст, намерасад. Барои ҳамин мо маҷбурем, ки аз беморон пул гирем. Ман мефаҳмам, мардум аксарият мисли шумо қашшоқ аст, лекин илоҷи дигар надорем. Ба ҳар ҳол мо кӯшиш мекунем, ки табобат бароятон арзонтар афтад. Аз рӯи ҳисоби пешакӣ тахмин дусад сомонӣ даркор.

– Худатон ҷарроҳӣ мекунед ё каси дигар?

– Каси дигар. Аввал беморро бояд ба ҷарроҳӣ тайёр кунем, барои ин як ҳафта лозим аст. Ҷарроҳ баъд маълум мешавад.

Амаки Абдураҳим бо профессор хайру хуш намуда, хона баргашт. Профессор ӯро то рӯи ҳавлии беморхона гуселонд.

## Ёди рӯзҳои гузашта

Барои пурсидани аҳволи Беҳрӯз Ҳабибаю Кабир омаданд. Холаи Салима нав аз беморхона баргашта буд. Замира дар сари оташдон ҷунбуҷӯл дошт.

– Нағз, ба ҳардуи шумо салом гуфт, – ба пурсиши Ҳабиба ҷавоб дод холаи Салима.

– Дар палатаи чандум мехобад? – пурсид Кабир.

– Шӯъбаи касалиҳои асаб, ошёнаи дуюм, палатаи

ҳаштум. Лекин имрӯз наравед, ҳозир ман аз пешаш омадам. Рӯзи дигар равед, – гуфт холаи Салима ва дар чашмонаш ашк пайдо шуд. – Аз гуфти падараш барои табобати Беҳрӯз тахмин дусад сомонӣ даркор будааст. Ин қадар пул надорем мо, лекин ман гуфтам, ки майлаш, чӣ қадар лозим бошад, як бало карда ёфта медиҳем. Аз ягон кас қарз мегирем, агар илоҷи дигар наёбем, чизу чораи хонаро мефурӯшем. Бачаякам сиҳат шавад, давлати ман ҳамин. Дилам аз зиқӣ торс кафам мегӯяд, баъди як ҳафта ҷарроҳӣ мекардаанд. Намедонам, оқибаташ чӣ мешавад. Илоҳо, парвардигори аъзам, дар паноҳаш нигоҳ дораду бачаам зиндаю сиҳату саломат монад. Дар акси ҳол ман мемурам.

– Худо хоҳад ҳамааш нағз мегузарад, – модарро тасаллӣ дод Ҳабиба.

Ҳабибаю Кабир ба хона баргаштанд. Аммо фикру хаёли Ҳабиба ба Беҳрӯз ва падару модари ӯ банд буд. Кошкӣ ҷарроҳӣ зуд ва ба хубӣ мегузашту Беҳрӯз шифо ёфта, пештара барин шоду масрур мегашт. Барои саломатии вай аз баҳри ҳама чиз гузаштан меарзад. Табобат накардани ин гуна инсон бераҳмӣ ва ҷиноят аст. Чӣ, Беҳрӯз дар сар шох ё тоҷи подшоҳӣ дорад? Албатта не, лекин аз бачаҳои дигар фарқ мекунад. Пеш аз ҳама бачаи боақлу доно, раҳмдилу меҳрубон, хоксору меҳнатдӯст ва хайрхоҳ аст. Ба ҳар ҳол вай ба назари Ҳабиба ҳамин хел метобад. Шояд барои он ки ба Беҳрӯз дилбастагие дорад ва ин ҳусни таваҷҷӯҳ ва дилбастагӣ ҳанӯз аз айёми кӯдакӣ оғоз ёфта буд. Ҳар ду дар як маҳалла ва дар як кӯчаи хурди деҳа, ки ҳамеша аз кӯдакон пур буд, давидаю афтодаю хеста, бозию шӯхию шодикунон калон шудаанд. Вақте ки ба синфи якум рафтанд, ҳар ду ба як парта нишастанд. Дар синфи чоруму панҷум писаракону духтаракон алоҳида мешиштагӣ шуданд. Ҳарчанд ки муаллимон ба ин розӣ набуданд, ба гапи онҳо гӯш накарданд. Фақат Ҳабибаю Беҳрӯз ҷои худро иваз накарданд. Ҳамроҳ ба мактаб мерафтанду ҳамроҳ ба хона меомаданд. Гоҳо писаракону духтаракони шӯх ба ҳар ду писханд зада, масхара мекарданд, вале онҳо парвое надоштанд.

Дар деҳа одати қайд кардани рӯзи таваллуд набуд. Ин маросим фақат дар мактаб баргузор мегардид. Дар хотири Ҳабиба панҷуми майи соли гузашта, ки рӯзи таваллудаш буд, абадӣ нақш баста монд. Роҳбари синф Мамлакат Неъматовна бачаҳоро ҷамъ карда, Ҳабибаро табрик намуд, сипас бачаҳо ба ӯ тӯҳфаҳо супориданд. Яке китобу дигаре дафтар, сеюмӣ қанду сақич ва ғайра. Аммо беҳтарин тӯҳфа барояш тӯҳфаи Беҳрӯз буд. Вай як даста гули садбарг дод, ки дар зебоӣ ҳамто надошт. Ҳабиба, ки гули садбаргро дӯст медошт, бисёр хурсанд шуд. Аҷоибаш ин ки Беҳрӯз гулдастаро чунон пинҳон карда овардааст, ки Ҳабиба то вақти супоридани он бехабар монд.

Дар вақти дарс Беҳрӯз монанди бачаҳои дигар гап намезад, аз мӯи духтарон дошта намекашид, бо касе ҷанг намекард, балки ба дарси муаллим бо диққат гӯш медод. Бесабаб набуд, ки аз ҳама фанҳо баҳои аъло мегирифт. Ҳабиба низ мекӯшид, ки мисли вай аълохон бошад, аммо на ҳамеша ин муяссараш мешуд.

Боре роҳбари синф Мамлакат Неъматовна баъди дарс маҷлис гузаронда, натиҷаи хониши нимсоларо ҷамъбаст намуд ва дар охир дар бораи орзуи бачаҳо, яъне дар оянда чӣ касбро интихоб кардани онҳо пурсон шуд. Касе чизе нагуфт. Беҳрӯзу Ҳабиба ҳам хомӯш нишастанд. Чунки дар синфи панҷум мехонданд ва дар бораи касбу ҳунариояндаи худ ҳанӯз фикр накарда буданд.

– Набошад, – гуфт роҳбари синф, – ман худам мегӯям. Яъне аз рӯи натиҷаи хонишатон шумо дар оянда чӣ шуданатон мумкин аст, фикрамро баён мекунам.

Роҳбари синф ҳамаро як-як аз назар гузаронда, нигоҳаш ба Беҳрӯзу Ҳабиба қарор гирифт:

– Агар хонданро то охир ҳамин тавр бо баҳои аъло давом диҳад, Беҳрӯз математики бузург мешавад. Аз вай олим, академик мебарояд… Ҳабиба бошад, духтараки хуб, зебо, озода, чусту чолок, хонданаш ҳам хуб. Ман орзу мекунам, ки духтур шавад, вай ба ин касб зебандаю арзанда аст.

Ҳама ба сӯи онҳо нигоҳ карданд. Шӯру мағал хест. Мамлакат Неъматовна синфро хомӯш карданӣ шуд.

– Муаллима, Сафар чӣ мешавад? – пурсид касе аз бачаҳо.

Ҳанӯз муаллима даҳон накушода дигарон ҷавоб доданд:

– Чӯпони колхоз мешавад!

– Қаравули мактаб мешавад!

Синфро хандаи бачаҳо пахш намуд.

– Не, шофир мешавам. Ана баъд шуморо ба мошинам савор намекунам.

Ин овози Сафар буд, ки базӯр ба гӯш расид. Садои ханда боз баланд шуд.

– Ором шавед, бачаҳо, ором, – гуфт бо табассум роҳбари синф, – шофирӣ ҳам, қаравулӣ ҳам касбу кори фоиданок ва барои ҷамъият зарурӣ аст. Лекин мо мехостем, ки Сафар кӯшиш карда, хуб хонад, дониш гирад. Аммо вай танбал аст, ба дарсҳо бе тайёрӣ меояд.

Хандахариш шудани Сафар сабаб дошт. Бачаи аз ҳад зиёд шӯху беинтизом ва духон буд. Аз афташ ба мактаб фақат барои бозию шӯхӣ ва ҷангу мағал меомад. Ҳама аз вай безор шуда буданд. Хостанд аз мактаб пеш кунанд, аммо директор розӣ нашуд

– Аз пеш кардани мо на худаш нафъ мебинаду на ҷамъият. Бигузор мактаби миёнаро тамом кунад, он тарафаш ба худаш вобаста, Худо инсофаш диҳад.

Баъди ин маҷлис ва таърифу тавсифи роҳбари синф ҳусни таваҷҷӯҳи Ҳабиба ба Беҳрӯз боз ҳам бештар гардид. Як рӯз дар вақти танаффуси калон ҳамсинфаш Ҳалимаи шаттоҳ ӯро як сӯ кашида, шӯхиомез пурсид:

– Беҳрӯзро дӯст медорӣ, ки ҳамеша ҳамроҳаш мегардӣ?

– Ҳа, дӯст медорам, – нохост аз даҳонаш баромад ин ҷавоб.

– Шарм намекунӣ?

– Хайр, чӣ шудааст? Туро ҳам дӯст медорам, дигарҳоро ҳам.

– Не, дилат шӯ меҷӯяд.

Баробари шунидани ин сухан оташи қаҳру ғазабаш алангa гирифт ва Ҳалимаро сур карда, аз пасаш давид. Агар ба дасташ меафтид, хуб мекӯфт, ба рӯяш чангол зада, мӯяшро канда мепартофт. Ҳалима гурехта, ҷонашро халос кард, аммо Ҳабиба бо вай ҷангӣ шуда, як ҳафта гап назад.

Ин ҳодиса як сол пеш рӯй дода буд. Бо гузашти айём Ҳабиба он суханони дугонааш ва ранҷиши дилашро фаромӯш сохт ва акнун меҳру муҳаббати духтарро ба бача як чизи оддию табиӣ ва муқаррарӣ медонад. Ва фикр мекунад, ки агар калон шуда ба воя расаду Беҳрӯзро шавҳар кунад, ин чӣ бадӣ дорад? Оё аз Беҳрӯз дида дигар ҷавони барояш беҳтару арзандатар ҳаст?

## Барқияи Ҳабиба

Ҳабиба холаи Салимаро ба ёд оварда, ба ҳоли вай раҳмаш омад, дилаш сӯхт ва афсӯс хӯрд, ки кӯмаке расонида наметавонад. Ин занаки одии заҳматкаш, хушгапу меҳрубонро чун модари худаш дӯст медорад ва ҳурмат мекунад. Занак ҳам ӯро дар қатори Беҳрӯзу Замира бачаи худаш барин медонад ва чизеро дареғ намедорад. Ана ҳамин гуна як модаре, ки баробари ҷони одам аст, имрӯз мӯҳтоҷи дигарон гардидааст ва худ маблағи кофие надорад, ки бачаашро табобат кунонад. Холаи Салима мегӯяд, ки агар пулаш нарасад, чизу чора ва хонаашро мефурӯшад, он гоҳ худаш, аҳли оилааш чӣ хел ва дар куҷо зиндагӣ мекунанд?

Ҳабиба хеле фикр карду ба ногоҳ ба хотираш чизе расид ва қаламу қоғаз гирифта ба навиштан даромад. Навиштаашро хонда маъқул накард ва боз аз сари нав навишт, ислоҳ намуд ва ба шакли зерин овард:

«Падарон, модарон, бародарону хоҳарон, амакҳо ва тағоҳо, ҳамсояҳои азизу меҳрубон! Мо – хонандагони синфи 8-уми мактаби миёнаи рақами 5-уми деҳаи Гулистон маҷбур шудем, ки барои кӯмак ба шумо муроҷиат кунем. Дар рӯзҳое, ки ҷанги бародаркушӣ дар деҳаи мо давом дошт, ба ҳамсинфи мо Беҳрӯз фоҷиа рӯй дод. Дар вақти гурезогурез афтида, сарашро ба харсанг зада, захмдор шуд. Духтурон табобат карданд, вале пурра не. Дар натиҷа Беҳрӯз, ки талабаи аълохони мактаб ва беҳтарин бачаи деҳаи мо мебошад, маъюб шуда монд. Вай фаромӯшхотир аст, хотирааш гум шудааст, чизе дар ёдаш намемонад. Ҳоло вай дар беморхона хобидааст, духтурон бояд ҷарроҳӣ кунанд, барои ин дусад сомонӣ лозим будааст, аммо падару

модари бечорааш ин қадар пул надоранд. Барои ҳамин мо ба шумо мурочиат мекунем, ки ёрӣ расонед. Мо медонем, ки ҳама пул надоранд, аммо баъзе одамҳои пулдор ҳастанд ва онҳо агар як-ду сомонигӣ диҳанд, худаш буд мешавад. Мӯҳлати пулсупорӣ як ҳафта. Илтимос, ҳар касе, ки хайр кардан мехоҳад, пулро ба ҳамин сӯроға супорад: деҳаи Гулистон, ҳавлии рақами 10. Ҳабиба Сатторова».

Ҳабиба қоғази навиштаашро бардошта барои маслиҳат назди Кабир омад.

– Хонда бин, маъқул мешавад ё не?

Кабир қоғазро бо диққат хонда:

– Ту балоӣ, Ҳабиба, – гуфт бо мамнунӣ. – Ақле, ки ту дорӣ, дигар ҳеҷ кас надорад, офарин. Ҳамин фикр ба сари ман наомадааст.

– Агар ба ту маъқул бошад, – гуфт Ҳабиба, – ҳаминро ба вароқи калони қоғаз навишта, ба назди идораи ҷамоа бурда, мисли эълон овехта мемонем. Ба он ҷо одамон бисёр меоянд, ҳама мехонанд.

Кабир як тахта қоғази сафед ва қаламҳои ранга оварда, ба болои миз паҳн намуд.

– Беҳтараш худат навис, – гуфт Ҳабиба, – ҳусни хати ту зебо. Ғайр аз ин рӯзномаи девориро ту мебарорӣ, таҷриба дорӣ.

– Номи варақаро чӣ монем? – пурсид Кабир.

– Эълон ё барқия?

– Барқия гӯем беҳтар, яъне ёрии таъҷилӣ.

Кабир варақаро навишта, барои часпондани он ширеш гирифт ва ҳар ду ҷониби идораи ҷамоа равон шуданд.

– Ҳабиба, аз ин кори мо Замира ва падару модараш хабар доранд ё не? – роҳравон пурсид Кабир.

– Не, хабар надоранд, – ҷавоб дод Ҳабиба, – агар ба Замира мегуфтем, вай ба падару модараш мегуфт ва он вақт шояд ҳамаи онҳо аз мо хафа шаванд.

– Мо дар ҳаққи онҳо ягон кори бад намекунем-ку.

– Ҳоло маълум нест, ки ин кори мо чӣ натиҷа медиҳад. Пешакӣ гап задан хуб нест.

Онҳо ба идораи ҷамоа расиданд. Хайрият дар гирду атроф одам бисёр набуд. Ҳар ду ба варақа ширеш молида, ба девори паҳлӯи даромадгоҳ тез часпонданд ва баргашта омаданӣ буданд, ки дари идора кушода шуда, раиси ҷамоа Толиб Акбаров берун баромад ва бо бачаҳо рӯ ба рӯ шуд. Ва чашмаш ба барқия афтида, дар ҳайрат монд.

Ҳабибаю Кабир гурехтанӣ шуданд, аммо раиси ҷамоа баъди хондани варақа онҳоро рафтанӣ намонд ва ба утоқи кориаш даровард.

– Ман мақсади шуморо фаҳмидам, мақсади олиҷаноб, кори нек, – гуфт вай, – мехоҳед, ки ба як одами дармонда, эҳтиёҷманд ёрӣ расонед. Ман ҳам кӯмаки худро дареғ намедорам. Ҳамин бегоҳ мо фаъолонро ҷеғ зада маслиҳат мекунем. Шукр дар ҷамоаи мо чанд тоҷир ва фермерон ҳастанд. Аз онҳо хоҳиш мекунем, ки як миқдор пули хайрия диҳанд. Ҳамин ки масъала ҳал шуд, мо шуморо ҷеғ мезанем.

Ҳабибаю Кабир гумон доштанд, ки раиси ҷамоа онҳоро ҷанг карда, барқияро дарронда мепартояд. Барои ҳамин аз ӯ тарсида гурехтанӣ буданд.

Хушбахтона, ҳамааш баръакс баромад. Вай одами хуб будааст. Ба ҳар ҳол дар дунё одамони хуб кам нестанд. Аз одамони бад дида одамони хуб зиёдтар бошанд, он гоҳ ҳар мушкилӣ ба осонӣ ҳал мешавад.

Раиси ҷамоа онҳоро гуселонда, варақаи «Барқия»-ро аз девор канда ба утоқи кориаш даромад.

## Ашки ғаму шодӣ

Пас аз ду рӯз ҳар дуро ба идораи ҷамоа ҷеғ заданд. Раиси ҷамоа Толиб Акбаров онҳоро хуш пешвоз гирифт ва аз сандуқи оҳанин чизи қоғазпечро бароварда гуфт:

– Дар ин ҷо дусад сомонӣ пул ҳаст. Фермерҳои мо Акрам Қосимов ва Сабур Сироҷев ҳар кадом сад сомонигӣ доданд. Эҳтиёт кунед, мабодо гум нашавад. Худи ҳозир ба модари Беҳрӯз бурда супоред ва аз номи мо салом гӯед.

Ҳабиба пули қоғазпечро гирифта «раҳмат ба шумо, амак.

Ба пулдодагиҳо ҳам раҳмати бисёр, мо миннатдор» гӯён бо раис хайру хуш кард.

Дар кӯчаи калон равуои одамон бисёр буд. Яке сӯи шаҳр равон буд, дигаре аз бозор меомад, сеюмӣ ба саҳро мерафт, хуллас ҳар кас бо ташвиши худ овора. Ҳабибаю Кабир бо дили саршор аз фараҳу сурур дар кӯча зуд-зуд қадам зада, сӯҳбаткунон ба ҷониби хонаи Салима-апа мешитобиданд. Баробари ба гардиш расидан доду фарёд ва гиряи кӯдакро шуниданд. Аз гардиш гузашта диданд, ки дар сари тангкӯча як бачаи ҳашт-даҳсола кӯдаки аз худаш хурдро ба замин ғалтонда ба сару рӯяш бо мушт мекӯбад.

Ҳар ду давида омада, бачаро тела доданд ва кӯдакро аз чанголи ӯ халос карданд.

– Аз худат хурдро чаро мезанӣ? – пурсид Ҳабиба. Ба ҷои ӯ кӯдак, ки чашмонашро молида гиря мекард, ҷавоб дод:

– Бучуламро те гӯям, зад.

– Ман нагирифтам, дурӯғ мегӯяд, – худро сафед карданӣ шуд бача.

– Обид дурӯғ мегӯяд, вай бучули моро кашида гирифт, – ба гап даромаданд кӯдакони дигар, – ба кисаи шимаш руст кард.

Кабир ба кисаи шими Обид даст андохта чорта бучул баровард ва ба рӯи замин партофт.

– Инаш азони ман, ваяш азони ту, – гӯён кӯдакон ҳар кадом бучули худро ёфта гирифтанд. Шерзод ҳам бучулашро гирифта, хурсандона ба Ҳабибаю Кабир нигарист.

Ҳабиба ба Обид гуфт:

– Бача, беодобӣ накун, ба ҷои он ки ба кӯдакон ёрӣ расонӣ, баръакс онҳоро азоб медиҳӣ. Шарм намекунӣ?

– Агар як бори дигар кӯдакҳоро занӣ, ҷазоятро ман худам медиҳам. Баъд аз худат гила кун, – таҳдид кард Кабир.

Обид бо сари хам ба тангкӯча даромада аз назар ғайб зад. Кӯдакон машғули бучулбозӣ шуданд.

Вақте ки Ҳабибаю Кабир ба ҳавлӣ даромаданд, Замира дар поёни суфа нишаста ҷомашӯӣ мекард. Холаи Салима набуд. Модараш барои шир ба хонаи ҳамсоя рафтааст. Замира дар дасти Ҳабиба чизи қоғазпечро дида, чанд мароти-

ба пурсиданӣ шуд, вале ҷуръат накард. Ба чеҳраи кушода ва гапзании хурсандонаи Ҳабибаю Кабир, ки ба назараш ғайриоддӣ ва аҷиб менамуд, нигариста, тааҷҷубаш торафт меафзуд.

– Намепурсӣ, ки дар даст чӣ дорем, – ниҳоят тоқаташ тоқ шуда бо табассум гуфт Ҳабиба.

– Надонам чӣ бошад, – гуфт Замира, – боз ягон дорую даво будагист.

– Не, наёфтӣ! – хандид Кабир.

– Наёфтӣ! – гуфт Ҳабиба.

– Набошад, худат гап зан. Ман аз куҷо донам?

Холаи Салима як хурма шир бардошта омад.

– Беҳрӯз фатири ширдорро нағз медид, – гуфт холаи Салима, – се-чорта фатир пухта барам гуфтам, шояд ба иштиҳо дарояд. Рӯзҳои охир камхӯрок шудааст, ҳар хел хӯрока намехӯрад. Ба назарам хафаю дилтанг менамояд.

Вай оҳе кашиду хона даромада орд баровард ва машғули хамиркунӣ шуд.

– Бачаякам ба касофати ҷанг ба дарди бедаво гирифтор шуд, – ба ғазаб омад модар, – илоҳо хонаи ҷангро саркардагиҳо сӯхта хокистар шавад, хӯрдагиашон заҳр шавад.

– Рост мегӯед, хола, – гуфт Ҳабиба, – ҳамин ҷанг ба кӣ даркор буд?

– Бачаи холаи ман дар ҷанг гум шуд, – гуфт бо афсӯс Кабир. – Як шаб автоматдорон омада, ӯро гирифта бурданду дигар наомад. Холаам то имрӯз интизор, ки бачааш меояд, лекин аз вай дарак нест. Намедонем, ки зиндааст ё мурда. Холаам гиря карда мегӯяд, ки ақаллан мурдааш меомад, дар дилам армон намемонд.

– Бачаи холаат чикора буд? – пурсид холаи Салима.

– Дар завод кор мекард.

– Гуноҳи вай бечора чӣ будааст?

– Гуноҳи вай бечора чӣ будааст?

– Дар митинг иштирок карда будааст.

– Эҳ, Худоё, дар митинг дигарҳо ҳам буданд-ку, – гуфт холаи Салима.

– Не, ин баҳона. Барои он бурданд, ки вай аз шаҳри дигар будааст, – хулоса кард Кабир.

Баъди он ки дар байн хомӯшӣ ба амал омад, Ҳабиба оҳиста аз ҷояш хеста ба холаи Салима наздик омад ва пули қоғазпечро дароз кард.

– Ин пул барои табобати Беҳрӯз.

– Чӣ хел пул? Кӣ дод? – холаи Салима дар ҳайрат монда намедонист, ки пулро гирад ё не.

– Гиред, хола, гиред. Ин кӯмаки одамон, – гуфт Кабир.

Вақте ки Ҳабиба дар бораи барқия, вохӯрӣ бо раиси ҷамоа ва маслиҳати ӯ нақл намуд, холаи Салима хиҷолат кашид:

– Ман мефаҳмам, ки шумо нафақат ҳамсинфон, балки дӯстони меҳрубони Беҳрӯз ҳастед. Лекин дар ин замонаи қашшоқӣ ташвиш додани одамон лозим набуд.

– Не, хола, ин хел нагӯед. Баръакс одамон аз кори мо хурсанд шуданд ва ин пулро худашон ҳамчун хайрия доданд, – гуфт Кабир.

Холаи Салима пулро аз дасти Ҳабиба гирифта, болои кат монд ва дар ҳолате, ки ҳаяҷон тамоми вуҷудашро пахш намуда, ашк дар чашмонаш халқа мезад, «раҳмат ба шумо, фарзандони азизам» гӯён аз пешонаи Кабир бӯсида Ҳабибаро ба оғӯш кашид. Вай духтаракро аз оғӯшаш сар надода, ҳунгосзанон гиря мекард. Гиряи ӯ омехтаи ғаму андӯҳ ва шодию сурур буд.

## Табассуми ҷарроҳ

Дар як дивани сиёҳи рӯйкашаш кӯҳна, ки дар гӯшаи долон меистод, се нафар – амаки Абдураҳим, Ҳабиба ва Кабир нишаста буданд. Баъд аз соати даҳи пагоҳӣ Беҳрӯзро ба мизи ҷарроҳӣ хобонданд. Аз гуфти сардухтур – профессор Амон Пӯлодов тақдири ӯро ба яке аз ҷавонтарин ва беҳтарин ҷарроҳон, мутахассиси таҷрибанок Фаттоҳ Бобоҷонов супоридаанд ва боварӣ доштаанд, ки ҷарроҳӣ бомуваффақият мегузарад, чунки то ин дам ҳангоми

ҷарроҳии ӯ ягон ҳодисаи ғайриоддӣ ва нохуше рӯй надодааст ва теғи буррою дастони шифобахшаш ба даҳҳо беморон умри дубора бахшидааст. Бо вуҷуди ин як гӯшаи дили амаки Абдураҳим сиёҳ аст. Охир худи профессор гуфт, ки дар кори ҷарроҳӣ касе сад фоиз кафолат дода наметавонад. Ҳамон як фоиз… Не, не, тавба, Худо дар паноҳаш нигаҳ дорад, умрашро дароз кунад. Хайр, то бад нагӯй, нек намеомадааст. Иншоолоҳ ҳамааш ба хубӣ хоҳад гузашт.

Ваҳму воҳима ва овозаҳои муболиғаноку бардурӯғе, ки рӯзҳои охир маҳалларо фаро гирифт, асаби амаки Абдураҳиму холаи Салимаро вайрон кард. Мегуфтанд, ки духтурҳо каллаи бачаи бечораро кафонда, мағзи сарашро болои миз гирифта монда, мисли он ки биринҷро аз шолию курмак ҷудо мекарда бошанд, тоза мекардаанд ва ин кори бисёр нозуку хавфнок будаасту аз сад кас як кас ё зинда мемондааст ё не.

– Ин гапҳоро кӣ гуфт? – бо қаҳру ғазаб мепурсид амаки Абдураҳим.

– Аз кӯча шунидам, – ҷавоб медод холаи Салима.

– Дурӯғ, бовар накун!

Шояд барои ҳамин рӯзи ҷарроҳӣ қариб ҳамаи хешу табор ва ҳамсояҳо ба беморхона рафтанӣ буданд, аммо амаки Абдураҳим якпоя истода, садди роҳи онҳо шуд. Ҳатто Замирарo рафтанӣ намонд. Холаи Салима вақтҳои охир серкасал шуда буд, андаке зиқ шавад, фишори хунаш боло мебаромад. Ба духтараш гуфт, ки аз паи модараш шавад. Фақат ба Ҳабибаю Кабир иҷозат дод, ба умеди он ки агар ягон кори зарур баромада монад, онҳо ёрӣ расонанд.

Утоқи кории сардухтур профессор Амон Пӯлодов боз шуду аввал ду нафар духтурони хилъати сафедпӯш, сипас худи ӯ баромаданд. Профессор духтурҳоро то дари даромадгоҳ гуселонда, пас гашт ва ба одамони дар долон ҷамъомада нигарист:

– Ҳавои ин ҷо бисёр вазнин шудааст, дар берун интизор мешудед, хуб набуд? Он ҷо харакҳо ҳаст, бемалол шишта аз ҳавои тоза нафас мегирифтед. Ба ғайр аз ин ба дароюбарои духтурҳо халал намерасондед.

Амаки Абдураҳим ва ҳамроҳонаш мунтазири ҳамин гап будаанд магар, ки зуд рӯи ҳавлӣ баромада, хараки назди даромадгоҳро банд карда нишастанд. Дигарон ҳам аз паси онҳо рафтанд.

Амаки Абдураҳим, ки соаташро фаромӯш карда дар хона монда буд, ҳар каси соатдорро бинад, вақтро мепурсид. Ба назараш ҳар дақиқа мисли як соат мегузашт, гӯё вақт таваққуф кардааст. Шунида буд, ки амалиёти ҷарроҳӣ вобаста ба касалӣ ҳар хел – яъне ним соат, як соат ва чор-панҷ соат давом мекардааст. Тоқат куну бин, аз интизорӣ кӯки чашм канда, одам як мурдаю зинда шуданаш мумкин. Ҳар гоҳ ҳамшираи тиббӣ Сулҳия дар пеши дар пайдо мешуду ҳарфе нагуфта боз ғайб мезад ва ҳар дафъа амаки Абдураҳим аз ҷояш хеста давида наздаш рафтанӣ мешуд, вале боз ба ҷояш менишаст.

Овози гиряи занона диққати нишастагонро ба худ кашид. Дар шафати бинои чорқабата ду мард ва як занаки солхӯрда, ки нолаю зорӣ мекард, намудор шуданд. Занак ба «бас, апа, бас! Ин қадар ғам хӯрда худатро азоб нате, фоида надорад» гуфтани мардҳо гӯш накарда, фиғон мебардошт, хуни ҷигар мехӯрд. Дар як дам дар гирду атрофи занак мардум ҷамъ шуда, ҳар кас аз ҳамдигар «чӣ воқеа шудааст?» гӯён мепурсид. Мӯйсафеди асобадаст, ки болои харак нишаста буд, бо оҳи пурдард ва афсӯс гуфт:

– Ному нишонаи хоҳараш ҳамин як духтар буд, ки аз вай ҳам маҳрум шуд, бечора.

Одамон ба мӯйсафед паи ҳам савол медоданд. Мӯйсафед, ки ҳамсояи духтар будааст, ба нақл даромад:

– Духтари даҳсолаи хоҳараш аз дунё гузашт. Вай духтари худаш барин буд, бисёр дӯст медошт занак. Духтурон ҳарчанд кӯшиданд, аз марг халос карда натавонистанд.

– Духтар чӣ касалӣ дошт?

– Дилаш касал буд. Ҳамон шаби пурдаҳшат сахт тарсида, дилкаф шуда будааст.

– Аз чӣ тарсидааст?

– Ин қиссаи дуру дароз, лекин ман мухтасар мегӯям. Солҳои ҷанг силоҳдорон шабона ба ҳавлӣ даромада, падару

модар ва акою укаҳои Шамсияро парронда, хонаро оташ заданд. Ҳамаи ин даҳшату ваҳшоният дар пеши назараш рӯй додааст. Худи духтарак тасодуфан зинда монда, гурехта дар пахтазор пинҳон мешавад. Шамсия он вақт чорпанҷсола буд. Ҳамин занак, ки холааш буд ва дар шаҳр зиндагӣ мекард, ӯро гирифта калон кард. Лекин духтарак аз касалии дил халос нашуд. Занак барои табобати вай чӣ корҳое накард. Ана барои ҳамин занак дар ғами ҷигарбандаш ин қадар сӯхта обу адо мешавад.

Одамон оҳиста-оҳиста пароканда шуданд. Ҳабибаю Кабир бо табъи хира назди амаки Абдураҳим рафтанд. Амаки Абдураҳим чашмонаш нигарони духтурҳо хомӯш нишаста буд. Ба назди даромадгоҳ ҳамшираи тиббӣ Сулҳия омада, амаки Абдураҳимро ба тарафаш хонд. Аз паси ӯ ҷарроҳ Фаттоҳ Бобоҷонов баромад ва бо табассум амаки Абдураҳимро ҷеғ зад. Ҳамшираи тиббӣ Сулҳия гуфта буд, ки ҷарроҳ шахси бадҷаҳл ва асабонӣ аст, лекин агар кораш барор гирад, аз вай дида дигар одами ҳалиму хушгуфтор дар дунё ёфт намешавад, чашмонаш медурахшанд, лабонаш аз табассум гул мекунанд. Ҳозир вай ҳамин хел одам буд. Аз афташ маълум, ки ҷарроҳӣ хуб гузаштааст. Амаки Абдураҳим аз хушҳолӣ чӣ тавр ба утоқи кории профессор Амон Пӯлодов ворид шуданашро нафаҳмид.

– Ҷарроҳӣ нағз гузашт, – гуфт Фаттоҳ Бобоҷонов, – аҳволи бачаатон хуб ва ҳеҷ ҷои хавотирӣ нест.

– Баъди ягон ҳафта ҷароҳаташ шифо ёфта хона меравад, – илова кард профессор.

– Ба ҳамаи шумо ҳазор раҳмат, – сипосгузорӣ намуд амаки Абдураҳим, – як лаҳза ӯро дида метавонам?

– Не, беморро нороҳат кардан мумкин нест. Пагоҳ ба палата мегузаронем. Фардо омада дида метавонед, – гуфт профессор.

Амаки Абдураҳим бо духтурҳо хайру хуш карда берун баромад ва дар долон Ҳабибаю Кабирро дид, ки интизори ӯ буданд.

## Хоби Ҳабиба

Ҳабиба имшаб хоб дид, хоби аҷоибу ғароиб. Хоб дид, ки амаки Абдураҳим ба бачаҳои маҳалла, ки аллакай дар кӯча ҷамъ шуда, бозӣ мекарданд, мегуфт:

– Бачаҳо! Шумо хабар надоред?

– Имрӯз дар хонаи мо тӯй мешавад, тӯи Беҳрӯзу Ҳабиба, – мегӯяд бо табассуми ширин амаки Абдураҳим.

Бачаҳо бовар накарда механданд.

– Беҳрӯзу Ҳабиба ҳоло ёш не? – мепурсад як бачаи ҷингаламӯй.

– Не, ёш не, ҳардуяшон акнун калон шудагӣ, – бепарвоёна ҷавоб медиҳад амак, – ҳозир меҳмонҳо, арӯсу домод меоянд, онҳо ин роҳу кӯчаи ифлосро дида айб намекунанд? Барои ҳамин бояд чӣ кор кунем? Кӯчаро об зада, рӯфта тоза кунем. Зуд бошед.

Бачаҳо аз хонаҳояшон ҷорӯбу сатил оварда, аз паи кор шуданд.

Замираю модараш серкор буданд. Саҳни ҳавлиро тоза рӯфта об пошидаанд. Ба ғайр аз кати калони худашон боз ду кати ҳамсояро оварда, ба болояш палосу кӯрпача андохтаанд. Холаи Салима ду деги калон монда, дар яке шӯрбо, дар дигараш палав мепазад. Имрӯз ӯро қариб, ки шинохта намешавад. Дар байни ин ду ҳафтаи охир тамоман тағйир ёфтааст: ранги рӯяш чун анор суп-сурх, чашмонаш дурахшон, лабонаш пури табассум. Аз он ки бачаи ба ҷон баробараш сиҳат шуда, ба хона омад ва акнун ӯро бо Ҳабиба тӯй мекунад, аз худу бехуд. Замира ҳам дили болида дорад, бе табассуму ханда гап намезанад. Вай чолокона барои меҳмонҳо нону фатиру кулча мепазад. Фақат бибиаш – кампири ҳафтоду панҷсола ором аст. Кампир болои кат дароз кашида, бо остини дарози куртааш аз гармии ҳаво рӯяшро бод мекунад.

– Соат чанд шуд? – мепурсад кампир.

– Даҳта кам ёздаҳ, – ҷавоб медиҳад Замира.

– Ҳоло барвақт будааст-ку, саросема шуда нонро насӯзон,-мегӯяд ӯ.

Духтарони ҳамсоя меваҳоро шуста, ба лаъличаҳо меандозанд, баъд саргарми шустушӯи косаю табақҳо мешаванд.

Ногаҳон аз кӯча овози бачаҳо ва садои сурнаю доираю найро шунида, ҳама баробар ба сӯи дарвоза давиданд. Ду табақи дарвоза боз шуду Беҳрӯзу Ҳабиба ба ҳавлӣ даромаданд. Ҳабиба либоси ҳарири сап-сафеди арӯсӣ пӯшида буд ва ба худаш мезебид, мисли гули садбарг шукуфон ва зебо буд, одами дидагӣ ӯро ба осонӣ намешинохт. Шиму кастум ва туфлии Буҳрӯз ҳам наппа-нав ва оҳараш нарехта. Арӯсу домод аз дасти ҳамдигар дошта, шармгинона табассум мекарданд. Аз паси онҳо меҳмонҳои бисёре ба ҳавлӣ даромаданд.

Бӯрон, ҳамон чӯпонбача бо дили саршор аз шодӣ най навохта, оҳанги шӯхеро замзама мекард. Касе намедонист, ки чӯпонбачаи найнавозро кӣ ва кай ба тӯй даъват кардааст. Шояд хушхабари тӯйро шунида худаш омада бошад ё Беҳрӯз даъват кардааст? Кабири хаппак ҳам бало будааст. Доирараро чунон мезанад, ки аз артистони ҳақиқӣ монданӣ надорад. Ин хаппаки камгап (ҳатто бегап гӯем, хато намешавад, чунки то гап назанӣ, даҳон намекушояд) доиразаниро дар куҷо ёд гирифта бошад? Дар бораи сурнайчӣ ҷои гап нест. Аз афташ дар театри халқӣ кор мекунад, маълум, ки амаки Абдураҳим киро карда овардааст.

Дар зери садои мусиқӣ холаи Салимаю Замира ба рақс даромаданд. Бибии Замира як каф қандалоти ҳархела оварда аз болои сари арӯсу домод пошид. Кӯдакон қию чувкунон барои чидану талош кардани қандҳо афту дарафт карданд. Кампир ҳамаро болои катҳо шинонда, дуо хонд, чунон дуру дароз хонд, ки тоқати амаки Абдураҳим тоқ шуда, нохост сулфида монд.

… Ҳабиба аз хобаш як қад парида хест. Субҳ дамида, рӯз кайҳо равшан шудааст. Хуршед болои қуллаи кӯҳҳо як қади найза баланд шуда буд.

Аҷабо, ин ҳама хоб аст ё хаёл? Наход хоб бошад? Бале, ҳам хобу ҳам хаёлест, ки шабона пеш аз хоб аз дил гузаронда буд, баъд хобаш сахт бурда, дер бедор шудааст. Аҷабо! Ин тӯй аз куҷо ба хобаш даромадааст? Дар бораи ин фикре

накарда буд. Ё тавба! Фикру хаёли вай ба пешвозгирии Беҳрӯз банд буд. Бале, Ҳабиба мехоҳад бозгашти Беҳрӯзро аз беморхона ҳамин тавр мисли тӯй бо тантана, бо рақсу суруд ва шодию сурур пешвоз гиранд, то ки як умр дар ёдҳо монад. Ба ҳар ҳол кӯшиш мекунанд, ки маросими истиқболгирии Беҳрӯз ҳамон тавре, ки мехоҳанду тасаввур менамоянд, доир гардад. Барои ин падару модар ва дӯстони Беҳрӯз чӣ қадар ташвишҳо кашиданд, ғаму ғуссаҳо хӯрданд, ҷонбозиҳо карданд. Хайрият ки ин ташвишҳо барабас нарафтанд. Беҳрӯз шифо ёфта, чун пештара шуд, ҳушу ёдаш ба ҷояш, хотирааш барқарор, акнун ҳама гапу кори оламро дар ёд дорад, чизеро фаромӯш намекунад. Профессор Амон Пӯлодов инро бозгашти хотира гуфт. Офарин ба духтурҳо! Ба қарибӣ соли хониш оғоз меёбад ва ҳар ду пагоҳии барвақт аз хоб хеста ҳамроҳ ба мактаб мераванд. Беҳрӯз ҳам мисли вай мактаб, муаллимон ва ҳамсинфонашро сахт пазмон шудагист.

Ҳабиба саросема дасту рӯяшро шуста, ба сӯи хонаи Беҳрӯзино шитобид. Имрӯз аз беморхона ба Беҳрӯз ҷавоб мешавад, ӯро пешвоз гирифтан лозим.

*ш.Душанбе, соли 2003*

# ҲИКОЯҲО

## РАХСЕБ

Китоби дина ба хондан сар кардаамро акнун ба даст гирифта будам, ки ба хона Абдулло даромад.

– Китобхонӣ ба дилат назад, Қобил? – гуфт Абдулло.

– Не, – гуфтам, – ин китоби бисёр шавқовар будааст. Шин, ҳамроҳ мехонем.

– Э, мон китобхониатро, – гуфт Абдулло, – ҳозир ба каллаи ман ҳеҷ чиз намедарояд. Тамоми баданам месӯзад. Гард, оббозӣ мекунем.

Ҳаво тафсон буд. Гармсели тафсон ба рӯи одам мезаду нафасро мегардонд. Нурҳои офтоб аз байни шохҳои бед гузашта, пӯсти рӯйро сӯзан халидагӣ барин месӯзонд. Суханони Абдуллоро шунида, бадани ман ҳам ба сӯзиш даромад. Шавқи китобхониам намонд.

Ману Абдулло ҷӯраҳои ҳамсолем. Аммо ӯ қариб ҳар рӯз барои нӯги сӯзан барин чиз бо ман ҷангӣ мешавад. Агар ман ба ягон фикри Абдулло розӣ нашавам, даррав меранҷаду қаҳр карда, ба хонаашон меравад. Он гоҳ ман зиқ мемонам. Охир, дар маҳалла ман дигар ҷӯраи ҳамсол надорам, то ки ҳамроҳ бозӣ кунам. Барои ҳамин бо ӯ зуд оштӣ мешавам.

Мо ба сӯи наҳри калон равон шудем, ки деҳаи моро ба ду тақсим карда, ба заминҳои пахта ҷорӣ мешуд. Як гурӯҳ бачаҳои маҳаллаи ҳамсоя шӯру мағал бардошта, оббозӣ мекарданд.

Мо ҳам хуб оббозӣ кардем. Баъд рӯи регҳои тафсон дароз кашидем.

Абдулло наҷунбида мехобиду хаёл мекард. «Ҳозир ягон гапи нав мегӯяд», – аз дил гузаронидам ман. Ӯ ҳамин хел одат дорад, албатта, ягон гапи нав мегӯяд.

– Қобил, гушна намондӣ? – пурсид Абдулло паҳлӯ гашта.

– Ту чӣ? – гуфтам ман.

– Ман – гушна.

– Ман ҳам. Хез меравем.

Ӯ чизе нагуфта ба атроф чашм дӯхт. Баъди сонияе гуфт:

– Як чиз гӯям, ҳа мегӯӣ?

– Чӣ? – пурсидам ман.

– Себ мехӯрӣ?

– Себ ҳоло напухтааст-ку?

– Рахсеб пухтагӣ.

– Дар куҷо? – пурсидам ман.

– Дар боғи Анбархола, – гуфт Абдулло. – Оҳиста ба боғ медароем.

– Анбархола дида монад-чӣ?

– Дида монад мегурезем.

Анбархола дар маҳаллаи мо зиндагонӣ мекард. Боғи ӯ сари роҳи калон воқеъ гардида, атрофашро девори похса печонда буд.

Абдулло аз болои девор сарашро бароварда, боғро аз назар гузаронд. Ман дар мобайни роҳ истода атрофро дидбонӣ мекардам. «Ҳеҷ кас нест, биё, – гуфт Абдулло ва аз девор фуромада ба боғ даромад. Ман ҳам аз паси ӯ рафтам. Рахсебҳо ранг оварда буданд. Ҳар ду ба дарахт баромада, кисаҳои шимамонро аз себ пур кардему зуд ба ақиб гаштем. Тӯппиам бошад, ба навдаи биҳӣ дармонда, ба он тарафи девор афтид. «Чӣ бояд кард?» – бо тарсу ларз фикр кардам зуд.

– Чӣ шуд? – пурсид Абдулло.

– Тӯпиам афтид, – гуфтам ва аз саросемагӣ гаранг шуда мондам.

– Ман нигоҳ карда меистам, – гуфт Абдулло, – аз девор гузашта, тӯппиатро тез гирифта биё. Баро, тезтар.

Ман як ҳаллос зада болои девор баромадам ва худро гурсӣ ба замин партофтам. Ҳамин вақт ҳодисае рӯй дод, ки мо онро ҳаргиз чашмдор набудем. Ба пошнаи пои ростам чизе халида чунон сахт дард кард, ки оби чашмонам баромад. Ба дарди поям нигоҳ накарда, тӯппиамро гирифтаму зуд ба девор баромадам. Бинам, ки аз пошнаи поям хун мешорад.

– Аз афташ, поятро шиша буридааст, – гуфт Абдулло, – ба таги поят нигоҳ кунӣ, намешавад? Хуб гаранг ҳастӣ, Қобил!

– Он ҷо пури хасу хокрӯба буд, – гуфтам ман, – шиша буданашро аз куҷо донам.

– Худат ноӯҳдабаро! – ба болои сӯхта намакоб пошид Абдулло.

– Ба ин азоб маро худат гирифтор кардию боз гап мезанӣ! –оташин шудам ман ва себҳоро аз кисаам бароварда бо ҷаҳл ба оби ҷӯй партофтам.

– Ман гунаҳкор будаам… Э, моне, – Абдулло даст афшонда ба хонаашон рафт.

Ман лангон-лангон ба хона омадам. Модарам дар болои кат ҳамроҳи ҳамсоязанҳо гап зада менишаст. Дар байни онҳо Анбархоларо дида, дарди поямро боз ҳам сахттар ҳис кардам. Хун якзайл мешорид.

Модарам поямро дида, ранги рӯяш канд ва паи ҳам:

– Чӣ гап шуд? Поятро чӣ бурид? – саволборон кард.

– Дар кӯча шишапора бурид, – дурӯғ гуфтам.

– Чашмат куҷо буд? – гӯён модарам аввал хаб ҷанг кард, баъд сиёҳии дегро оварда, ба ҷароҳатам пахш намуд, то ки роҳи хунро бандад.

Анбархола аз воқеа бохабар шуда:

– Ба хаёлам, дар хонаамон йод буд. Ҳозир гирифта меоям, – гӯён аз ҷой бархосту ба тарафи дари кӯча рафт. Дере нагузашта ӯ йод овард ва ба ҷароҳати поям молида баста монд.

Падарам ҳам аз кор омада маро ҷанг кард. Аз дарди пой ҳамон шаб то дер хобам набурд.

Пагоҳӣ аз хоб хезам, ки падарам аллакай наҳорӣ карда ба саҳро рафтааст. Модарам чой нӯшида менишаст. Ӯ поямро кушода дида гуфт, ки баъди ноштой ба духтур равам.

Ба ҳавлӣ Абдулло даромада омад. Димоғаш сӯхтагӣ буд. Ба назарам, аз кори дирӯзаамон вай ҳам пушаймон буд. Абдулло бо сари хам ба паҳлӯям нишаста:

– Поят дард мекунад? – пурсид.

– Роҳ гардам, дард мекунад, – ҷавоб додам ман, – ҳозир ба духтур меравам.

Ҳамин вақт як лаълича рахсеб гирифта Анбархола омад. Модарам себро дида:

– Себатон аллакай пухтааст-дия, – гуфта лаълиро аз дасти ӯ гирифта, рӯи дастархон монд ва миннатдорӣ намуд.

– Агар ягон ҳафтаи дигар истад, ҷудо нағз мепухт, – гуфт Анбархола. – Аммо бачаҳои маҳалла намемонанд. Дина боз кадом як бача ба боғ даромада, шохи себро шикастааст. Бача набошад, гӯяд-ку, худам чида медиҳам.

Ӯ баъд ба ман нигариста пурсид:

– Писарам, дарди поят андак сабук шуд, охир?

– Ҳа, – кӯтоҳ ҷавоб додам ман ва аз шарм суп-сурх шудам.

Абдулло ҳам бетоқат буд. Ба назарамон чунин менамуд, ки Анбархола аз кори дирӯзаи мо бохабар асту ин суханонро қасдан ба мо мегӯяд.

Модарам ба ман нигарист. Ман бошам, замин намекафид, ки дароям.

## АКА ВА УКА

Сомонҷон ака, Беҳрӯзҷон ука. Сомонҷон панҷсола, Беҳрӯзҷон якунимсола. Ҳар ду ба ҳамдигар чунон одат кардаанд, ки ягон дам бе ҳамдигар истода наметавонанд. Беҳрӯзҷон ҳамеша аз паи Сомонҷон мегардад, ба айвон барояд, ба айвон мебарояд,хона дарояд, хона медарояд, ба ошхона равад, ба ошхона меравад, нон хӯрад, нон мехӯрад, чой нӯшад, чой менӯшад. Дар ҳама корҳо ба акааш тақлид мекунад. Аммо вай ба як ҷо – ба берун намеравад, чунки модараш намемонад. Беҳрӯзҷон ҳоло хурд аст, нағз роҳ гашта наметавонад, ҳам ҳозир зимистон, ҳаво хунук аст. Агар берун барояд, шамол хӯрда касал шуданаш мумкин.

Беҳрӯзҷон дер ба роҳ даромад, гапзаниро ҳам дер ёд гирифт. Нонро мон, ошро пош, чойро той мегӯяд. Лекин зеҳнаш тез, ақлаш расо, ҳама гапро мефаҳмад, фақат ба гуфтан душворӣ мекашад. Сомонҷон аз гапзании укааш завқ карда механдад ва баъзан ӯро масхара карданӣ мешавад. Он гоҳ модараш ба мобайн медарояд ва бо лабони пуртабассум ба Сомонҷон мегӯяд:

– Ҳеҷ гап не, оҳиста-оҳиста ёд мегирад. Дар вақташ худат ҳамин хел будӣ.

Роҳгардии Беҳрӯзҷон ҳам душвор аст. Ду-се қадам мемонаду тапӣ меафтад. Лекин гиря намекунад. Боз хестанӣ мешаваду наметавонад. Либосҳои ғафсу гарми танаш халал мерасонанд. Акааш ба вай зуд ёрӣ медиҳад. Аз дастчаҳои хурди нозукаш дошта, ба по мехезонад ва ҳар ду ба хоначаи дарун медароянд. Ин ҷои бозии онҳост. Хонача пури лӯхтаку бозичаҳои ҳархела. Як сӯ Сагчаю Пишакча, Хирсчаю Заргӯшча, сӯи дигар мошинчаҳо паҳну парешон хобидаанд. Сагча дум надораду Хирсча пой, Заргӯшча сар надораду мошинча чарх. Думи Сагчаю пои Хирсчаю сари Заргӯшчаро Беҳрӯзҷон бо дандончаҳои тезаш канда партофтаасту чархи мошинчаҳоро Сомонҷон ҷудо карда гирифтааст.

Модарашон риштаю сӯзан оварда, думи Сагчаю пои Хирсча ва сари Заргӯшчаро медӯзад, чархи мошинчаро ёфта ба ҷояш мегузорад ва ба Сомонҷону Беҳрӯзҷон мегӯяд:

– Ширинакҳои оча, нағз бозӣ кунед, шӯхӣ накунед, бозичаҳоро ба ҳар ҷо напартоед.

Баъд вай ба ошхона рафта, косаю табақ мешӯяд, хӯрок мепазад.

Акаю ука машғули бозӣ мешаванд. Аз паси тиреза чаву чуви бачаҳо ба гӯш мерасад. Сомонҷон сарашро боло карда, ба берун менигарад ва ҷӯраҳояш Компрону Суннатро мебинад. Онҳо буҷулбозӣ мекунанд. Ҳар ду Сомонҷонро аз тиреза дида, бо ишораи даст ба бозӣ ҷеғ мезананд. Сомонҷон лаҳзае хаёл мекунад, ки равад ё не, баъд ба укааш мошинчаро дода, овораи бозӣ месозад ва дарро оҳиста кушода, берун мебарояд. Дере нагузашта овози модараш баланд мешавад:

– Сомонҷон, ҷорӯбро биёр, хонаро рӯбам.

Беҳрӯзҷон ба худ омада, яке мебинад, ки акааш дар паҳлӯяш нест. Вай дар ҳайрат мемонад. Куҷо рафтааст? Кай рафтааст? Аҷабо!

Беҳрӯзҷон тез-тез қадам монда, калавидаю афтидаю хеста ба айвон мебарояд ва ҷорӯбро кашолакунон хона дароварда, ба модараш медиҳад.

– Вой ҷони ширинаки оча, қурбонакат шавам-е, аллакай дастёри оча шудааст-е, – гӯён модараш аз хурсандӣ Беҳрӯзҷонро ба оғӯш кашида, аз ду бари рӯи зебояш мебӯсад ва Сомонҷонро аз берун ҷеғ мезанад, то ки бо укааш бозӣ кунаду вай зиқ намонад.

Сомонҷону Беҳрӯзҷон боз овораи бозӣ мешаванд. Онҳо ана ҳамин хел акаю укаи ба ҳам меҳрубонанд.

## ПАНДИ БОБО

Бобои Самандар баъди наҳорӣ асои пурнақшу нигори зебояшро гирифта, аз хона баромад ва оҳиста-оҳиста қадамзанон то роҳи калони сермошин рафт. Баъд атрофи биноҳои чорошёнаю нӯҳошёнаро давр зада омаду ба хараки назди даромадгоҳи хона нишаст. Ҳамин хараки дарози татагинро чанд сол пештар худаш сохтааст ва қариб ҳар рӯз ҳамин ҷо дам мегираду аз тамошои манзараҳои атроф лаззат мебарад. Бобо бо кӯдакон сӯҳбат карданро дӯст медорад. Барои он ки қариб панҷоҳ сол омӯзгори мактаб буд ва умри худро ҳамроҳи кӯдакон гузаронидааст. Дар як дам гирди ӯро бачаҳо печонда гирифтанд.

Дар маҳаллаи Зарбед, ки бобои Самандар зиндагӣ мекунад, кӯдакон бисёранд. Аз саҳари барвақт то дери шаб пои кӯдакон аз ин ҷо канда намешавад. Садои тохту тоз, доду фиғон, хандаю гиря доимо баланд аст. Ягон соати хомӯшию оромӣ нест. Як гурӯҳ бачаҳо саҳарӣ ба мактаб раванд, гурӯҳи дигар баъди пешин мераванд ва шӯру мағали онҳоро хурдтараконе, ки мактаб намераванд, давом медиҳанд.

Аҷиб аст, ки бобои Самандар аз ин мағалҳо безобита намешавад, балки бозию шодии кӯдаконро дида, ба завқ меояд ва дар чеҳрааш табассум пайдо мешавад. Гоҳ бачаҳо аз ҳад зиёд шӯхию бетартибӣ карда, якдигарро меранҷонанд ва кӯдакони ранҷида ба бобо шикоят мекунанд. Бобо ба насиҳатгӯӣ медарояд:

– Рустам, ҷони бобош, ҷанг накун.

– Соҳиб, дашном нате, айб аст.

– Сӯҳробҷон буҷули Амина гардонда те. Ин корат хуб

нест.



– Нисо, аз худат хурдҳоро наранҷон. Ранҷонидани онҳо гуноҳ аст.

Бачаҳо насиҳати бобои Самандарро шунида, каме ором мешуданд, вале ин дер давом намекард. Суханони ӯро зуд фаромӯш менамуданд, он аз ин гӯшашон медаромаду аз

гӯши дигарашон мебаромад.

Ана, ҳоло бобои Самандар дар харак нишаста буд, ки бачаҳо боз барои шикоят назди ӯ омаданд:

– Бобо, Нисоро ҷанг кунед, аз мӯям накашад.

– Ту ҳам аз мӯяш сахт кашида, азобаш те, – бо қиёфаи ҷиддӣ гуфт бобо.

Бобоҷон, ба Рустам гап занед, ки ҳақорат накунад.

– Ту ҳам ҳақорат кун, – оромона ҷавоб дод бобо.

– Бобо, Амин мана зад.

– Ту ҳам зан, сахт зан,-гуфт бобо.

Духтари ҳамсоя Шифо, ки аз дигарон калонтар буд, маслиҳати боборо шунида, аввал ҳайрон шуд, баъд табассумкунон пурсид:

– Бобо, шумо ба бачаҳо рост гуфтед ё дурӯғ?

– Ба онҳо доимо рост мегуфтам, – хандид бобо, – аммо фоидае намебахшид. Ин дафъа дурӯғ гуфтам, лекин дурӯғи фоиданок. Бузургон беҳуда нагуфтаанд, ки дурӯғи пандомез – беҳ аз рости фитнаангез. Канӣ онҳо худашон як фикр карда бинанд-чӣ, ман рост гуфтам ё дурӯғ.

Шифо тозон ба назди бачаҳо рафт:

– Бачаҳо, бобо дурӯғ гуфтанд.

– Дурӯғ? – Ҳама ба тааҷҷуб ба Шифо нигаристанд.

– Ҳа, дурӯғ.

– Барои чӣ?

Дар як дам бачаҳо ба гирди Шифо ҷамъ омаданд. Онҳо суханони боборо муҳокима мекарданд.

## ТӮҲФАИ ЗЕБО

Ин саҳар Зебо аз хоб дер хест. Модараш ҳам мисли ҳарвақта ӯро бедор накард. Чунки имрӯз истироҳат аст ва Зебо ба боғча намеравад. Модараш дар ошхона ҷунбуҷӯл дорад. Падараш наменамояд. Ҷое рафтагист. Ҳа, шаб гуфта буд, ки барои харид бозор меравад.

Зебо дасту рӯяшро шуста, ноништа кард, баъд чӣ кор карданашро надониста, ба ошхона даромад. Модараш

машғули пухту паз буд.

– Оча, чӣ мепазед? – пурсид Зебо.

Модараш бо табассум ба ӯ нигариста гуфт:

– Зебояки ман, донояки ман. Наход фаромӯш карда бошӣ?

– Чиро?

– О дина гуфта будамку, бибиат имрӯз рӯзи таваллуд доранд, ҳафтодсола мешаванд. Барои ҷашни зодрӯзашон як торти калони ширин ва хушрӯ пухта мебарем.



– Ҳа, модараш дина гуфта буд, лекин фаромӯш кардааст. Чӣ хел фаромӯш кардааст –худаш ҳам намедонад. Барои ҳамин каме шарм ҳам кард.

Дере нагузашта падараш аз бозор баргашт. Дар як даст гулҳои ҳаррангаи тару тоза, дар дасти дигар халтаи селофанӣ дошт, ки он аз қанду меваҳо пур буд. Модараш халтаро аз дасти падараш гирифта, гулҳоро ба гулдони обдор гузошт:

– Гулро шумо мебаред, тортро ман.

Ана, падару модараш ба бибиҷонаш тӯҳфа мебаранд. Зебо-чӣ?

Вай чӣ барад?

– Оча, ман ба бибиҷонам чӣ барам? – пурсид ӯ.

– Ҳеҷ чиз не, ҷони очаш, – гуф бо навозиш модараш, – ту рафта бибиҷонатро мебӯсӣ, ана ҳамин худаш тӯҳфа мешавад. Калон ки шудӣ, баъд тӯҳфа харида мебарӣ.

Зебо фикр карда монд. Кошкӣ тезтар калон мешуду ба бибиҷонаш тӯҳфа мебурд. Охир, бибиҷонаш ба як тӯҳфа не, ба сад тӯҳфаи қиматбаҳо меарзад. Ин гуна бибии меҳрубон

дар ягон гӯшаи дунё нест. Вақте ки Зебо хурдакак буд, ӯро ба оғӯш кашида, рӯи даст гирифта, хона ба хона мегашт, кӯча мебаровард, бозӣ медошт, навозиш мекард, ба замин мондан намехост, шӯхӣ кунад ҳам, ҳаргиз ҷанг намекард.

Акнун Зебо хурдакак не, панҷсола шудааст, ба боғча меравад. Ҳозир ҳам ҳар гоҳ ки бибӣ ба хонаашон ояд, барои ӯ ҳар гуна шириниҳо меорад, мисли пештара бардошта рӯи даст мегирад ва аз рӯи анор барин зебояш мебӯсад. Дар рӯзи таваллудаш бошад, ҳар гуна тӯҳфаҳо медиҳад.

Вақти пешин Зебо ва падару модараш тӯҳфаҳоро гирифта, мошинсавор ба хонаи бибӣ равон шуданд. Аммо фикру хаёли тӯҳфа аз сари Зебо дур намешуд. Баногоҳ шеъри дар боғча азёд кардааш, ки ба бибӣ бахшида шуда буд, ба ёдаш омад.

Хонаи бибӣ аз меҳмонҳо пур шуда буд. Фарзандон, набераю абераҳо ва ёру дӯстони бибӣ ҷамъ омадаанд. Падару модари Зебо тӯҳфаҳоро ба бибӣ супорида, самимона табрик намуданд. Зебо бибиҷонашро оғӯш карда, аз рӯяш бӯсид ва гуфт:

– Бибиҷон, ман ҳам барои шумо тӯҳфа овардам. Тӯҳфаи ман шеър аст. Ҳозир мехонам.

– Кошкӣ, кошкӣ, ҷони бибӣ, канӣ-канӣ. – гуфт бибӣ.

– Шеъри шоираи ширинкалом Гулчеҳра Сулаймонӣ «Бибиҷонам»:

Бибиҷонам меояд,
Дилу ҷонам меояд.
Аз раҳи дур меояд,
Базӯр-базӯр меояд.

Бибим ояд мо хурсанд,
Кисаҳояш пури қанд.
Мавизу мағз меорад,
Чизҳои нағз меорад.

Гапҳои бибим ширин,
Қанд барин, асал барин.
Бибим кони афсона,

Бибиҷонам ягона.
Бибиҷонам меояд,
Дилу ҷонам меояд.

Равам кӯрпача орам,
Болишти пар гузорам.
Чояки гарм биёрам,
Нонаки нарм биёрам.

Бибиҷона шинонам,
Хафа шудан намонам.
Бибиҷони хушрӯям,
Бибии қиссагӯям.

Ҳамин ки Зебо шеърро хонда ба итмом расонд, хонаро садои баланди қарсакҳо, таҳсину офарини ҳозирон пур кард.

– Беҳтарин тӯҳфа барои ман тӯҳфаи Зебоҷон аст, – гуфт хушҳолона бибӣ.

## БА КАСЕ НАГӮЕД

Баъди пешин мисли ҳаррӯза дар саҳни ҳавлӣ шӯру мағали бачаҳо баланд шуд. Як гурӯҳ футболбозӣ, гурӯҳи дигар волейболбозӣ мекарданд. Хурдтаракон ин сӯю он сӯ даву тоз доштанд. Дар байни онҳо фақат Эраҷ набуд. Гирду атрофро аз назар гузаронда, ӯро дар хараки назди даромадгоҳи бино дидам. Худаш танҳо хомӯш менишаст. Дина ҳам ӯро дар ҳамин ҷо дида будам. Аҷабо, ба вай чӣ шуда бошад? Доимо бо бачаҳо даву тозу бозию шодӣ карда мегашт-ку?

Ҳисси кунҷковиам боло гирифту наздаш рафтам ва ба паҳлӯяш нишастам. Эраҷ аз ҷо хеста «ассалом, бобо» гуфту боз нишаст ва дигар ҳарфе назад. Дилаш зиқ, табъаш хира буд.

– Ҷони бобо, Эраҷҷон, чаро ту бозӣ намекунӣ? –ногаҳон аз даҳонам ин сухан баромад. Вай ҷавоб надод. Сарашро

хам карда, ба хаёл рафт.

– Аз афтат маълум, касе туро ранҷондааст, – гуфтам ман. –Кори фармудаи очаатро иҷро накарда гапи сахт шунидаӣ. Ё ба дарс бетайёрӣ рафта, аз муаллим баҳои «ду» гирифтаӣ.

– «Не, бобо, – ба гап даромад Эраҷ, – очаам маро ҷанг намекунад, ҳар кор фармояд, зуд иҷро мекунам. Ба дарс ҳам бетайёрӣ намеравам. Ман Баҳром барин не.

– Чӣ, Баҳром дарсашро тайёр намекунад?

– Не, тайёр намекунад.

Эраҷ баъди хомӯшии тӯлонӣ илова кард:

– Бобоҷон, агар ба касе нагӯед, ба шумо як гап мегӯям.

– Майлаш, гап зан, ба касе намегӯям, – қавл додам ман.

– Баҳром ба дарсҳо бетайёрӣ меравад, вазифаи хонагиро иҷро намекунад, баҳои «ду» мегирад. Якчанд маротиба дафтари вазифаи хонагии маро гирифта рӯйбардор кард. Муаллим ӯро ҷанг кард ва ба ман «дафтаратро нате, худаш кор кунад» гуфт. Баҳром дирӯз боз дафтарамро пурсид, ман надодам.

– Кори дуруст кардӣ, – гуфтам ман, – вазифаи хонагиро бояд худаш тайёр кунад, набошад чизе ёд намегирад.

– Ана баъди ҳамин Баҳром аз ман сахт ранҷид. Ба бачаҳо гуфтааст, ки Эраҷ бачаи бахил, бо вай гап назанед, бозӣ накунед.

– Ин рафтораш тамоман нодуруст. Ман бо ӯ сӯҳбат мекунам, – гуфтам.

– Не, бобо, не, – гуфт Эраҷ, – шумо қавл дода будед, ки ин гапро ба касе намегӯед.

– Дуруст, Эраҷҷон, дуруст. Гапи туро ба касе намегӯям, ба Баҳром ҳам. Фақат бо ӯ сӯҳбат мекунам, то ки ислоҳ шавад. Ин ба худи вай ҳам фоида дорад. Ҷони бобо, Эраҷҷон, ту хона рав, ман бо Баҳром сӯҳбат мекунам.

Эраҷ хона рафт. Ман Баҳромро ҷеғ задам. Вай сару рӯяш арақшор наздам омад. Ба паҳлуям шинондам.

– Ҷони бобо, Баҳромҷон, аҳволат чӣ хел?

– Хуб, бобо, –ҷавоб дод Баҳром.

– Хондан чӣ хел?

– Хуб.

– Офарин, ҷони бобо, офарин. Дирӯз дар роҳ бо роҳбари синфатон вохӯрдам. Пурсидам, ки бачаҳои маҳаллаи мо чӣ хел мехонанд?

Вай аълохонҳоро номбар кард. Дар байни онҳо номи Эраҷро шунида бисёр хурсанд шудам. Сонӣ бадхонҳоро ном гирифт. Лекин номи туро шунида, рости гап, шарм кардам.

Баҳром, ки то ин дам ба гапи ман бо диққат гӯш медод. ногаҳон худро ноҳинҷор ҳис намуда, ранги рӯяш тағйир ёфт, сараш хам шуд.

– Баҳром зеҳни тез дорад, бачаи ҳушёр, чусту чолок, – гуфт роҳбари синф, – лекин танбал, дарс тайёр намекунад, вазифаи хонагиро аз дафтари дигарон мебардорад. Агар кӯшиш намуда, дарсҳоро тайёр кунад, аълохон шуданаш мумкин.

Ман диққати Баҳромро ба худ кашида гуфтам:

– Мо ҳам мисли шумо –бачаҳои имрӯза як вақтҳо талаба будем, дар мактаб мехондем, бозӣ ҳам мекардем. Лекин аввал дарс мехондем, вазифаи хонагиро иҷро мекардем, ба падару модар дар кори хона ёрӣ мерасондем. Баъд агар вақти холӣ ёбем, бозӣ мекардем. Ҳар кор ҳадду андоза дорад. Дар байни одамон як мақол ҳаст, шояд шунида бошӣ, мегӯянд, ки ҳалвоя камаш хуб, бисёраш зарар дорад. Инсон бояд ҳамон кореро кунад, ки нафъаш бештар бошад. Ҳамин тавр не, ҷони бобо, Баҳромҷон?

Вай бо як табассуми ниҳоние ба рӯям нигаристу чизе нагуфт. Лаҳзае байни мо хомӯшӣ ба амал омад. Хомӯширо худам вайрон кардам:

– Дар воқеъ байни бачаҳо Эраҷ наменамояд?

– Вай нест, – гуфт Баҳром.

– Куҷо бошад?

– Намедонам.

– Дар хона бошад? Канӣ бин-чӣ, хона бошад рафта ҷеғ зан. Вай ҳам камтар бозӣ кунад охир.

Баҳром оҳиста аз ҷо хесту ҷониби хонаи Эраҷино роҳ паймуд. Фурсате нагузашта ҳарду берун баромаданд ва ба сӯи майдончаи бозӣ рафтанд.

# ЧӮҶАЧАИ АҲМАДҶОН

Аҳмадҷон як табақи тирезаи айвонро кушода, ба берун нигарист. Насими форами баҳор мевазид. Замин каб-кабуд, майсаю себаргаҳо бисёр, дарахтон пури гул буд. Села-села гунҷишку майнаҳо фир-фир парида, ба шохи дарахтон менишастанд ё поён фуромада, аз байни алафҳои рӯи замин ҳар чӣ ёфта мехӯрданд. Аҳмадҷон дар шохи дарахти хурмо, ки рӯ ба рӯи айвон қомат афрохта буд, мусичаеро дид, ки дар нӯлаш чӯбча дошт.

– Оча, ҳой, оча! – фарёд кард Аҳмадҷон.

– Ҳа, бачам, чӣ мегӯӣ? –гӯён модараш омад.

– Мусича чӯбча мехӯрад?

– Чӯбча? – хандид модараш, – чӯбча намехӯрад, дон мехӯрад, нон мехӯрад, боз чизҳои ширина.

– Ана, бин, – Аҳмадҷон мусичаро нишон дод. Модараш мусичаро дида гуфт:

– Дар нӯлаш будагӣ чӯбча не, хас. Бо хас хона месозад.

– Хона? Барои чӣ? –пурсид Аҳмадҷон.

– Дар хонааш тухм мегузорад, баъд аз тухмаш бача мебарояд, – фаҳмонд модараш.

– Кай мебарояд?

– Бисёр хобида хезӣ баъд мебинӣ, ки аз тухмаш чӯҷача баромадааст.

Аҳмадҷон ҳар пагоҳ аз хоб хеста, ба айвон мебаромаду тирезаро кушода, мусичаро тамошо мекард. Мусича хас кашонда, хона месохт. Аз байн чанд рӯз гузашт ва Аҳмадҷон дид, ки мусича ба даруни хонааш даромада хобидааст. Вай ба модараш хонаи мусичаро нишон дод.

– Акнун мусича тухм мекунад, – гуфт модараш, – баъд тухмро дар бағалаш гарм карда, аз он чӯҷа мебарорад.

– Кай мебарорад?

– Баъди якчанд рӯз.

Ҳамон якчанд рӯзи гуфтаи очааш ҳам фаро расид ва Аҳмадҷон дар хонаи мусича чӯҷачаро дид, ки даҳонашро калон кушода, чирик-чирик мекард. Бисёр хурсанд шуд ва

шодикунон давида назди модараш омад.

– Оча, оча, чӯҷача баромадааст! Ана, биё, бин!

Модараш ҳам чӯҷачаро дида хушҳол шуд.

– Очааш дар куҷо? –пурсид Аҳмадҷон.

– Очааш барои овардани хӯрок рафтагӣ. Аз ҳар ҷо дон чида омада, ба бачааш медиҳад, то ки зудтар калон шавад.

Ҳамин вақт мусича парида омаду ба даҳони бачааш аз нӯлаш хӯрок дод. Ва боз парида рафт.

Як шаб шамоли сахт вазида, борони сел борид. Пагоҳӣ Аҳмадҷон ба айвон баромада, ба хонаи мусича нигаристу дар ҳайрат монд. На мусича буду на хонаашу на бачааш. Зуд модарашро ҷеғ зад. Модараш тирезаро кушода, поёнро аз назар гузаронд. Дар даруни ҷӯйбор мусича болу пар мезад. Аҳмадҷон ҳамроҳи модараш берун баромаданд. Чӯҷача чириқ-чириқкунон дар даруни ҷӯйбор мехобид. Мусича бо чанголҳояш дошта, бачаашро ба по хезонданӣ мешуду наметавонист.

Вай наздик омадани Аҳмадҷону модарашро дида, гурехта дур рафт. Модари Аҳмадҷон хам шуда, аз даруни ҷӯйбор чӯҷачаро оҳиста рӯи даст гирифт. Пару бол надошт, пою чанголҳояш нозуку беқувват буданд. Ба пояш рост истода наметавонист.

Дили Аҳмадҷон ба ҷонварак сӯхт. Вай бо ангуштонаш тани кӯчаки чӯҷачаро меҳрубонона сила карда ғамгин шуд.

– Вой уболаке, – гуфт модараш, – шамол хонаашро вайрон кардааст. Ин ҷо монад, пишак мехӯрад. Беҳтараш хона мебарем. Тирезаро кушода монем, очааш омада дону об медодагист.

Модараш чӯҷачаро ба айвон даровард. Қуттии картонӣ ёфта, ба дарунаш хасу пахол андохт ва ба болои он чӯҷачаро монд. Баъд қуттиро бурда, назди тиреза гузошт, то ки мусича садои бачаашро шунида биёяд.

– Биё, хона медароем, – гуфт модараш, – агар мо ин ҷо бошем, мусича тарсида намеояд.

Ҳар ду хона даромаданд. Модараш аз паи кори худ шуд. Аҳмадҷон аз тирезаи хона ба айвон нигариста, интизори мусича гардид. Чӯҷача беист чириқ-чириқ мекард. Садояшро

шунида, мусича омад. Болои тахтаи тиреза истода, атрофро аз назар гузаронд, пас ба даруни қуттӣ даромада, ба бачааш хӯрок дод. Баъд боз парида рафт. Ҳамин тавр ҳар рӯз аз пагоҳ то бегоҳ хӯрок оварда, бачаашро парвариш мекард. Аҳмадҷон ҳам ба чӯҷача обу дон медод. Чӯҷача ҷон гирифта, ба по хест, болу пар баровард. Шодии Аҳмадҷон ҳадду канор надошт. «Чӯҷачаи ман, чӯҷачаи ман» гӯён навозиш мекарду суруд мехонд.

Як рӯз Аҳмадҷону модараш барои хабаргирӣ хонаи бибиаш рафтанд ва шабро дар он ҷо гузаронда, рӯзи дигар баргаштанд. Аҳмадҷон дар айвон қуттии холиро дида, доду фиғонаш баромад:

– Оча, оча! Чӯҷача нест, гурба хӯрдааст!

Модараш қуттиро аз назар гузаронду гуфт:

– Не, бачам, гурба нахӯрдааст. Гурба ба ин ҷо намеояд.

– Набошад канӣ?

– Қати очааш рафтааст.

Модараш аз тиреза ба шохи дарахти хурмо нигариста, чӯҷачаро ҳамроҳи очааш дид.

– Ана, ман гуфтам-ку, чӯҷачаро очааш бурдагӣ, – гуфт ва ба Аҳмадҷон шохи дарахти хурморо нишон дод.

– Чӣ, дигар ба хонаи мо намеояд? – бо дили озурда пурсид Аҳмадҷон.

– Акнун вай парронча шудагӣ, қати очааш парвоз мекунад, сайру саёҳат мекунад, баъд боз меояд, бачам, албатта меояд.

Аҳмадҷон то ҳол чӯҷачаро интизор аст ва бовар дорад, ки вай ягон рӯз албатта меояд.

## МУНДАРИҶА

Бозгашти хотира *(қисса)* .....................................5

## ҲИКОЯҲО

Рахсеб .....................................................................64
Ака ва ука ...............................................................67
Панди бобо ..............................................................69
Тӯҳфаи Зебо .............................................................71
Ба касе нагӯед ..........................................................74
Чӯҷачаи Аҳмадҷон .....................................................77

**Ғанӣ Ҷӯразода**

**ПАНДИ БОБО**
*(Қиссаю ҳикояҳо аз ҳаёти
кӯдакону наврасон)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 03.07.2014 супорида шуд.
Чопаш 07.07.2014 ба имзо расид. Андоза 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 5,0. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17 а

Дар матбааи ҶДММ «Илм» ба табъ расидааст.